*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 48 (12376)
1 декабри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

# Мавқеи Тоҷикистон

## ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?

### Шарҳи коршиносӣ бар моҳият ва асосҳои ҳуқуқии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баҳси марзӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон

*Чӣ миқдор замини қонунии Тоҷикистон ҳоло дар ихтиёри Қирғизистон қарор дорад? 145 000, 211 000 га ё 420 000 га? Тоҷикистон дар баҳси марзӣ бо Қирғизистон ба кадом асос ва ҳуҷҷатҳо такя мекунад? Маънои «ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1932» чист ва чаро онҳо асоси ягонаанд? Маънои «ҳуҷҷатҳои солҳои 1958-59» ва моҳияти «ҳуҷҷатҳои соли 1989» чист? Ҳуҷҷатҳои ҷониби Қирғизистон дар ин баҳс кадоманд ва қурби ҳуқуқии онҳо чист? Конститутсияи СССР сарҳадҳои байн ин ду ҷумҳуриро чӣ тавр тақсим карда буд? Заминҳои Тоҷикистон дар асоси кадом ҳуҷҷатҳо дар ихтиёри Қирғизистон қарор гирифтаанд? Кадом раиси вилоят ва раиси шаҳри Тоҷикистон заминҳоро ба кишвари ҳамсоя дода буд? «Минтақаҳои баҳсӣ» дақиқан кадом қитъаҳоро дар бар мегирад? Талоши посух ба ин саволҳо ё шарҳе мустанад бар моҳият ва асосҳои ҳуқуқии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баҳси марзи бо Қирғизистон*

***

Низои марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки инак наздики сад сол идома дорад, дар солҳои охир моҳияти боз ҳам мураккабу муташаннич гирифтааст. Баррасии мавқеъ ва изҳороти намояндагони ҷонибҳо ва арзёбии равандҳои сиёсию иттилоотии атрофи масъала нишон медиҳанд, ки ин бухрон на танҳо дар ҳоли ҳалшавӣ, балки дар ҳоли амиқшавию васеъшавӣ қарор дорад. Хусусан, ба ин баҳс пайвастани Русия ва созмони СПАД ва даъвати роҳбарияти Қирғизистон аз СММ, САҲА ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ барои «миёнаравӣ» дар ҳалли ин бухрон, **ИМКОНИ АЗ ЯК МАСЪАЛАИ МАҲАЛЛИЮ БАЙНИДАВЛАТӢ БА ЯК БАҲСИ КАЛОНИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАБДИЛ ЁФТАНИ ОНРО БОЗ ҲАМ БЕШТАР НАМУДААСТ.** Зеро таҷрибаи низоъҳои марзию қавмӣ дар фазои пасошӯравӣ нишон додааст, ки дар аксари мавридҳо пайдошавии «миёнаравон»-и шарқию ғарбӣ боиси васеътару тӯлонитар шудани чунин бухронҳо гаштааст.

Ин аст, ки гарчи Тоҷикистон дар ҳамаи сатҳу марҳилаҳо ҷонибдории худро аз ҳалли мусолиматомези масъала эълон доштааст, аммо дурнамои раванд нишон медиҳад, ки ҳоло давлат ва ҷомеаи мо бояд барои вазъияту бухронҳои печидатаре омода бошад.

Бо чунин пешбиниву пешомад, дар канори омодагии ҷиддии сиёсию низомию иттилоотӣ, яке аз муҳимтарин заруратҳо огоҳ будани қишрҳои гуногуни ҷомеа аз моҳияти низоъ ва воқеияти мавқеъ ва манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст. Аммо арзёбии пайвастаи фазои иттилоотӣ ва тамоси ҳамешагӣ бо қишрҳои гуногуни ҷомеа нишон медиҳад, ки гарчӣ аксари мардум дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва омодаи ҳимоят аз марзи кишвар ҳастанд, аммо дар бораи худи моҳияти низоъ, сабаби пеш омадани чунин ҳолат дар ин қисмати марзҳои байнидавлатӣ ва моҳияти мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин масъала маълумоти чандон дақиқе дар ихтиёр надоранд. Ин ҳолат, яъне камбуди тасаввуру маълумоти дақиқ дар бораи асосу таъриху микёсу моҳияти ин низоъ, на танҳо дар байни мардум, балки миёни аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ ва ҳатто кормандони қатории ниҳодҳои қудратӣ низ мушоҳида мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, бо мақсади саҳмгузорӣ дар тақвияти огоҳӣ ва зарфияти ҷомеа дар ин самт, пажӯҳиши мухтасаре дар боби асосҳои таърихӣ ва ҳуқуқии ин ихтилоф ва моҳияти далелу ҳуҷҷатҳои ҷониби Тоҷикистон барои асосноккунии мавқеи худ дар ин баҳс пешкаш мегардад. (Ҷанбаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ ва ҷуғрофии ин баҳс дар навиштаҳои дигар оварда шудаанд).

Албатта, то ин лаҳза ба шарҳи ҳуқуқии мавқеи Тоҷикистон низ аз сӯи баъзе муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла, ҳуқуқшинос Маҳмуд Абдуллоев таваҷҷуҳ гашта, дар навиштаҳои эшон маълумот ва андешаҳои арзишманд дар ин самт ироа шудаанд. Аммо мақсади асосии ин навиштаи мушаххас дар асоси санадҳои дақиқи таърихӣ дар дохили кишвар ба вуҷуд овардани фаҳми бештар дар бораи моҳияти мавқеи ҷониби Тоҷикистон дар ин масъала мебошад. Яъне он амалан **ШАРҲИ «ҲАҚИҚАТИ ТОҶИКИСТОН» ДАР ИН НИЗОСТ.** Ҳақиқате, ки ҳар як сокини кишвар, хоса аҳли идораву мафкура бояд онро дақиқ бидонад ва дар ташаккули мавқеи худ дар ин мавзӯъ асос қарор диҳад.

***

### 1. БАЁНИ СОДАИ МОҲИЯТ ВА МАНТИҚИ НИЗОИ МАРЗӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН

Моҳияти содаи низои печидаи марзӣ байни ду давлати ҳамсоя аз ин иборат аст, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои расмии муайянкунандаи сарҳади байни ин ду кишвар, имрӯз ҳудуди 211 000 гектар замини қаламрави қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёр ё истифодабарии Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад. (Маҳз ҳамин рақам 23.09.2022 дар суханронии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷмаи умумии СММ садо дод). Тибқи ҳамин санадҳои расмӣ ин заминҳо, ки ҳамчун «қитъаҳои баҳсӣ» ёдоварӣ мешаванд, ҳоло 84 000 га замин дар мавзеи ноҳияи Бобоҷон




*(Давомаш дар саҳ. 5)*

ДАР ИН ШУМОРА:

Иштироки вазири маориф ва илм дар конференсияи ҷаҳонии ЮНЕСКО саҳ. 2

Ҷавонон дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Пешвои миллат саҳ. 3

Саҳифаи тиллоии таърихи тоҷикон саҳ. 4

Ҳамида ба даври ҷумҳуриявии «Мураббии сол-2022» роҳхат гирифт саҳ. 6

Вазъи пардохти маблағи китобҳои дарсӣ саҳ. 12



Марказҳои инкишофи кӯдакон чӣ ҳол доранд? саҳ. 13

**Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023**

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

**Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам**

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

СУРАТҲИСОБИ МО

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

@▶▶ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

ҲАМКОРӢ

# Иштироки вазири маориф ва илм дар конференсияи ҷаҳонии ЮНЕСКО

***Рӯзҳои 13-16-уми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон зери унвони «Сармоягузории ибтидоӣ ба хотири ояндаи дурахшон» конференсияи ҷаҳонии ЮНЕСКО оид ба ғамхории ибтидоии кӯдакон ва таълим баргузор гардид, ки дар он дар қатори намояндагони вазоратҳои маориф ва илм, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва бахши хусусии беш аз 150 кишвари ҷаҳон намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иштирок намуданд.***

Нахуст намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми ноябр дар маросими ифтитоҳи конференсия ширкат варзида, доир ба рушди барвақтии кӯдак маърӯза намуданд. Инчунин, 14-уми ноябр дар маросими интихоби бюрои ҳайати роҳбарикунанда тибқи қоидаҳои ЮНЕСКО ва ҷараёни овоздиҳии ташкил намудани 20 бахши конференсия фаъолона ширкат варзиданд. Сипас, бо мақсади шиносоӣ аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар бахши 3-юми сатҳи баланди конференсия “Назорат ва роҳбарӣ” иштирок намуданд, ки доир ба таҷрибаи давлатҳои Англия, Ӯзбекистон, Фаронса, Норвегия дар бахши ҷалби сармоя ва рушди барвақтии кӯдак мубодилаи афкор сурат гирифт.

Нимаи дуюми рӯз дар ҳошияи конференсия вохӯрии дуҷонибаи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо вазири маорифи халқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бахтиёр Саидов баргузор гардид. Дар рафти мулоқот доир ба масоили умдаи маориф, нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳа таъкид гардида, тадбирҳои минбаъдаи таҳким ва бознигарии ислоҳоти соҳаи маориф баррасӣ гардид. Ҳамчунин, оид ба дурнамои рушди муносибатҳо дар самти таҳсилоти миёнаи умумӣ мубодилаи афкор сурат гирифта, таъкид гардид, ки баҳри густариш додани ҳамкориҳо харитаи роҳи муштарак коркард карда шуда, самти минбаъдаи ҳамкориҳо дар доираи он сурат хоҳад гирифт.

Ҳамчунин, дар идома вохӯрии вазир Р.Саидзода бо директори генералии ташкилоти “Дубай Карес” ҷаноби Триқ–ал Гург баргузор гардид. Нахуст, дар ин мулоқот аз ҷониби вазири маориф ва илм Р.Саидзода вобаста ба рушди барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод гардида, дар идома, Триқ–ал Гург изҳор дошт, ки ташкилоти “Дубай Карес” рушди барвақтии кӯдак бо назардошти риояи манфиатҳои миллӣ, ба инобат гирифтани қонунгузории миллӣ, урфу одат муовофиқ буда, ҷиҳати густариши равандҳои марбут ба рушди барвақтии кӯдак кӯшиш ба харҷ медиҳад.

16-уми ноябр ҳайати Тоҷикистон дар чорабиниҳои иртиботии ҷониби



барои сароягузории соҳаи маориф ва самтҳои он таҷрибаи ғанӣ дошта, ташкилот омода аст, ки сармоягузориро дар самти мазкур дар Тоҷикистон оғоз намоянд. Инчунин, ҷонибҳо таъкид намуданд, ки баҳри густариши ҳамкориҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Бояд зикр кард, ки ташкилоти “Дубай Карес” чун зерсохтори раёсати муоширати СММ ба шумор рафта, маблағгузориро дар самти рушди барвақтии кӯдак, таҳсили ҷавонон, тарғиби таҳсилоти босифат дар 60 давлати рӯ ба тараққӣ ба роҳ мондаast.

15-уми ноябр дар доираи иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии мазкур дар бахши “Сиёсат, идоракунӣ ва маблағгузорӣ” муроҷиатномаи миллии давлатҳои узви ЮНЕСКО шунида шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин бахш вазири маориф ва илм муаррифӣ намуд. Аз ҷумла, дар муроҷиатномаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид, ки Тоҷикистон ба ҷараёни ҷаҳонишавии муколамаҳо дар самти ЮНЕСКО аз муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди барвақтии кӯдаки шаҳри Тошканд дидан намуда, бо тартиб, услуби корбарӣ ва шаклҳои таълими барвақтии кӯдак аз наздик шиносоӣ пайдо намуданд.

Сипас, намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нимаи дуюми рӯз дар ҳошияи бахши сатҳи баланд дар коркарди матни “Эъломияи Тошканд” ширкат варзида, барои муайян намудани қадамҳои минбаъдаи фаъолият мубодилаи афкор намуданд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи маълумоти ЮНЕСКО дар ҷаҳон ҳар чаҳорумин кӯдак дар синни панҷсолагӣ аз таҳсилоти томактабӣ маҳрум буда, ҳамзамон, дар саросари ҷаҳон камтар аз нисфи кишварҳо таҳсилоти томактабиро ройгон ба роҳ мондаанд. Дар рафти конференсия таъкид гардид, ки сармоягузорӣ ба таҳсилоти барвақтии кӯдак бузургтарин сармоягузории кишварҳост, ки метавонад барои оғози одилонаи ҳаёт барои ҳар як кӯдак ва мубориза бо нобаробарӣ дар таълими барвақтӣ мусоидат кунад.

ТАҲЛИЛ

# Таҷассумгари ормонҳои миллӣ

***23-юми ноябри соли ҷорӣ дар толори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Парчам – ифодагари иқболу истиқлол ва ормонҳои миллӣ” конференсияи илмӣ- назариявӣ баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Нурулло Оқилзода, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарону кормандони муассисаҳои тобеъ ва як қатор омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ иштирок намуданд.***

Вазири маориф ва илм ҳозиринро ба Рӯзи Парчами давлатӣ табрику таҳният гуфта, қайд намуд, ки Парчам рамзи озодии миллат, ифтихори миллӣ ва ҳисси баланди меҳандӯстиву хештаншиносӣ ба шумор меравад.

Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Нурулло Оқилзода иброз дошт, ки мардуми кишвари азизамон имрӯз зери Парчами ваҳдату якдилӣ ба хотири эъмори ҷомеаи мутамаддин устуворона қадам мегузоранд ва бо азму иродаи созандаи худ дар қатори дигар муқаддасоти миллӣ Парчами давлатии худро, ки ормони ҳар миллати озодихоҳ аст, ҷовидона муқаддас медоранд.



Дар конференсия, ҳамчунин, маърӯзаҳои Некрӯз Қудратов – сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Давлатшоҳ Маҳмудзода – муаллими калони факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шунида шуд.

Дар фарҷоми конференсия Раҳим Саидзода – вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки эҳтироми аҳли маориф ба рамзҳои давлатӣ, хусусан, Парчами давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки баҳри рушди бемайлони соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла, беҳтар гаштани сифати таҳсилот дар кишвар ва таълиму тарбияи дурусту мукаммали насли наврасу ҷавон тамоми саъйю талоши худро ба харҷ медиҳанд.

НАТИҶАГИРӢ

***Дар Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» бо тантана ҷамъбаст гардида, ғолибон бо ҷоизаҳо сарфароз гардонида шуданд.***

Даври чоруми озмун 21 ноябр дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оғоз шуда, тайи 4 рӯз дар бахшҳои гуногун дар муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳои бонуфузи кишвар идома ёфт.

Дар маросими ҷамъбасти озмун муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода ва дигар шахсони масъул иштирок доштанд.

## Ғолибони «Илм – фурӯғи маърифат» муайян шуданд

Мавриди зикр аст, ки озмуни мазкур бо сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар партави «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)» соли дуюм аст, ки аз рӯйи 7 (ҳафт) номина миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳо ва бо иловаи номинаи ихтироъкорӣ байни олимону муҳаққиқони синни гуногун баргузор мешавад.

Тибқи Низомномаи озмун, ба ҳар номина 2 ҷойи 3-юм, 2 ҷойи 2-юм ва 1 ҷойи якум пешбинӣ шуда, ба ғолибони ҷойҳои 3-юм понздаҳ (15000) ҳазор сомонӣ, ҷойҳои 2-юм бисту панҷ (25000)



ҳазор сомонӣ ва ба ҷойи 1 сиву панҷ (35000) ҳазор сомонӣ туҳфаи пулӣ ва ҷому ифтихорномаҳо тақдим карда шуданд. Инчунин, ба омӯзгорони хонандагони ғолиб ба маблағи даҳ (10000) ҳазор сомонӣ туҳфаҳои пулӣ тақдим гардиданд.

Дар номинаи «Химия» хонандаи Муассисаи таълимии давлатии “Литсей барои хонандагони болаёқат”- шаҳри Хуҷанд Сарвиноз Rауфова, ҷои 1, хонандаи Гимназияи №4-и ш. Душанбе Абдувоҳид Бобозода, ҷои 1, хонандаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56 Хайрулло Саъдуллоев, ҷои 2, хонандаи Литсейи №5-и шаҳри Исфара Мустафохӯҷа Эшонов, ҷои 3 ва хонандаи Литсейи Ҳотам-П.В.-и шаҳри Душанбе Нуриддин Ваlизода, ҷои 3-юмро ишғол намуданд.

Дар номинаи «Химия»-и озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» донишҷӯи Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон Насимҷон Шамсуддинов ҷои 1, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷумъабой Қурбонов ҷои 2, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Бобохон Ҳофизов ҷои 2, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Меҳриддин Икромов ҷои 3, донишҷӯи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Меҳрангез Зоҳирова ҷои 3-юмро соҳиб шуданд.

Дар номинаи «Биология» хонандаи мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқати ноҳияи Данғара Фариза Акрамова ҷои 1, хонандаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 ш. Душанбе Меҳрона Ғуломова ҷои 2, хонандаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4, н. Б. Ғафуров Муаттара Охунова ҷои 2, хонандаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ш. Душанбе Умеда Фозилова ҷои 3 ва хонандаи Литсейи №3, шаҳри Душанбе Мунаввархон Валиев ҷои 3-юмро соҳиб гардиданд.

Дар шаҳри Душанбе китоби нав таҳти унвони «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар рушди тамаддуни халқи тоҷик» муаррифӣ гардид.

НЕРУИ СОЗАНДА

# Ҷавонон дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Пешвои миллат

***Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои аҳолиаш ҷавон буда, синни миёнаи сокинони он 24 сол мебошад ва 35 фоизи аҳолиро ҷавонони аз 14 то 30-сола ташкил медиҳанд.***

Дар кишварамон, гарчанде ҳамагӣ баъди шаш моҳи соҳибистиқлолӣ - 13 марти соли 1992 Қонун "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" қабул шуда бошад ҳам, мутаассифона, ҷараёни амалигардии ин қонун бинобар вазъи сиёсии солҳои 90-ум ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашуд.

Хушбахтона, ба шарофати Иҷлосияи шонздаҳуми тақдирсози Шурои Олӣ ва махсусан, пас аз барқарор намудани ҳокимияти конститутсионӣ Ҳукумати Тоҷикистон таҳкурсии ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон ва пояҳои сохтории онро таҳия намуд. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали фаъолияташон Роҳбари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ эҳсос менамуданд, ки ҷавонон метавонанд дар ваҳдати сартосарӣ ва нигаҳдошти фарҳангу тамаддуни миллат саҳми шоиста гузоранд, аз ин рӯ, аввалин пойдевори ҷомеаи ҳуқуқбунёди шаҳрвандиро бо неруи бузургу бунёдкори ҷавонон ибтидо бахшиданд ва дар аввалин мулоқоти худ 2-юми феврали соли 1993 бо намояндагони ҷавонон мавқеи давлатро дар муносибат ба ин қишри бузурги ҷомеа чунин муайян намуданд: «Роҳбарияти давлате, ки бештар аз ҳафтод фисади аҳолиашро ҷавонон ташкил медиҳад, танҳо дар сурате соҳибнуфуз мешавад ва кораш пеш хоҳад рафт, ки агар ин неруи бузургу солим аз сиёсати он пуштибонӣ кунад».

Воқеан, дар он солҳо, ки ҳанӯз пойдевори ваҳдату якдилӣ начандон мустаҳкам буд, Сарвари давлат зарур донистанд, то вохӯриҳои пай дар пайро бо намояндагони ҷавонон доир намоянд. Дар солҳои ҳассоси ҷанги шаҳрвандӣ се мулоқоти таърихии Роҳбари давлат бо намояндагони ҷавонон (солҳои 1993, 1994, 1997) доир гашт, ки дар шароити онрӯза ҳар кадоме аз ин мулоқотҳо аҳамияти басо бузург доштанд. 23 майи соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳадафи тақвияти сиёсати давлатии ҷавонон дар бораи беҳбуд бахшидан ба кор бо ҷавонон ба имзо расонданд ва зимни мулоқот бо ҷавонон 23 майи соли 1997 дар бораи таъсиси сохтори давлатии ҷавонон-Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мужда расониданд.

Бо таъсиси ин мақоми давлатӣ заминаи мусоид барои рушди устувори сиёсати ҷавонон дар асоси қонуни асосии ҷавонон фароҳам омад.

16 майи соли 1998 супоришҳои Роҳбари давлат ҳангоми вохӯрии навбатӣ бо ҷавонони лаёқатманд омили тағйироти боз ҳам назаррас дар ҳаёти ҷавонон гардид. Аз ҷумла, супориши Пешвои миллат, оид ба таҳияи барномаҳои дурнамои миллии ҷавонон бо дарбаргирии тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷавонон ба он замина гузошт, ки дар як муҳлати муайян Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» таҳия ва қабул гардад. 4 феврали соли 2002 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2002-2005" қабул гардид ва шуруъ аз ин давра то инҷониб марҳала ба марҳала қабул гардидани барномаҳои дурнамои давлатӣ оид ба татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавонон натиҷаҳои назаррас дода истодаанд.

Таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои муаззами миллат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон илова ба барномаҳои васеву доманадор, дигар имтиёзҳоро барои ҷавонон муҳайё намуд, ки таъсиси стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо, стипендия барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, квотаи Президенти ҷумҳурӣ барои ҷавонони минтақаҳои дурдаст бобати таҳсил дар мактабҳои олӣ, таъсиси Фонди махсуси Президент барои ҷавонони лаёқатманд ҷиҳати таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷ, грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, дар тақвими санаҳои таърихӣ ворид гардидани рӯзи 23 май - Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, таъсис ёфтани Ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ барои олимони ҷавон, таъсис ёфтани стипендияи байналмилалии "Дурахшандагон" барои донишҷӯёни тоҷике, ки дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъйин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, азнавсозӣ ва ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ, бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, сохтмони мактабу донишгоҳҳо ва китобхонаҳои сатҳи байналмилалӣ, толорҳои варзишӣ, мавзеву гулгаштҳои фароғатӣ, бунёди майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз бо талаботи замони муосир ва эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" ва иқдомҳои зиёди дигар аз ин зумра дастовардҳои ҷавонон мебошанд.




Азбаски дар ҷараёни буҳрони иқтисодӣ системаи маориф дар Тоҷикистон бахши аз ҳама осебпазири ҷомеа ба шумор мерафт, бо назардошти ин, бо мақсади рушд додани иқтидори илмӣ ва ҳавасманд кардани фаъолияти эҷодии олимон дар байни ҷавонон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми марти соли 1998, №976 «Дар бораи таъсиси ҷоизаҳо ба номи Исмоил Сомонӣ барои олимони ҷавон барои корҳои барҷаста дар соҳаи илм ва технология» аз соли 1998 шуруъ карда, 6 ҷоизаҳои солона, ки ҳар як ба андозаи 500 маротибаи ҳадди ақалли музди меҳнати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, таъсис дода шуданд. Инчунин, аз 4-уми майи соли 2000 бо қарори мушовараи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш ҷоизаи кумита барои истеъдодҳои ҷавон дар соҳаи фарҳанг ва санъат дар доираи Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» таъсис дода шуданд.

Шуруъ аз соли 2000 Ассотсиатсияи миллии ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон Тоҷикистон дар кишвар таъсис ёфтанд, ки ҳамасола шумораи аъзояшон афзоиш меёбанд. Ташкилотҳои ҷавонон дар талошҳои худ барои муттаҳид сохтани ҷавонон дар даврони истиқлолият якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ шаклҳои гуногунеро, ки дорои таъсири самаранок ба тарбияи ҷавонон ва насли наврас доштанд, истифода мебурданд. Аз ҷумлаи чунин шаклҳои муносибати корҳои тарбиявӣ Корвони сулҳ ва ваҳдат, Фестивалҳои дӯстии ҷавонони Тоҷикистон ва дигар тадбирҳои оммави фарҳангӣ мебошанд.

Тавре маълум аст, дар ҷумҳурӣ бо мақсади татбиқи ҳадафҳои таълим ва тарбияи насли наврас як қатор қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд ва Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонун «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон", тадбирҳо оид ба дастгирии рушди илмҳои иҷтимоӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 аз ин ҷумла мебошанд.

Дар маҷмуъ, бо андешидани тадбирҳои зиёд дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян карда шуд.

Имрӯз дар тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ ҷавонон барои рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми назаррасро мегузоранд. Намояндагони насли нав содиқона дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар хизмат мекунанд. Насли ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар дар самтҳои мухталиф дар касбҳои барои Тоҷикистон зарур таҳсил карда истодаанд.

Ташаббусҳои созанда ва пешниҳодоти ҷавононро дастгирӣ намуда, шароити мусоидро барои татбиқи онҳо фароҳам овардааст. Дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон комёбиҳои бузург дар фароҳам овардани шароити муносиб ва мувофиқ барои рушд ва такмили ҳар як шахси ҷавон ба даст оварда шуданд. Аз ҷониби худ, имрӯз ҷавонони Тоҷикистон дар вокуниш ба ин талошҳои роҳбарияти кишвар, бояд боз ҳам бештар нерӯ ва саъю талошҳои худро барои гирифтани маълумот, интихоби ихтисосҳои муосир, ғамхорӣ барои ободии сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи кишвар, таблиғи илму технологияи нав равона созанд. Дар ин баробар, ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро бояд танҳо ғояи таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдату худшиносии миллӣ ташкил диҳад". Дар воқеъ, маҳз меҳри Ватан ҷавононро аз таъсири омилҳои гуногуни номатлуб эмин медорад.

Умуман, дар Ватани маҳбуби мо ба шарофати сиёсати давлатии ҷавонон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст, ба ҷавонон имконият фароҳам оварда шудааст, ки тамоми неру ва дониши худро ба нафъи зиндагии созанда ва эҳё, эҷоди фазои солим дар ҷомеа равона созанд.

***Шерафган ОЁҲМАДОВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ, ноиби ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов***

ДИДГОҲ

# Тахрибкорон душманони аҳли сайёраанд

Ҷаҳони муосир хеле мураккабу печида ва саршор аз ҳодисаҳои мухталиф аст. Ин ҳолат аз кулли сокинони сайёра ҳушёрию бедориро тақозо дорад. Махсусан, насли наврасро бояд аз таъсири манфии ҳама гуна ангезаҳои ношоиставу зиёновар эмин бояд нигоҳ дошт, зеро навраҳони ҷодаҳои пурпечи зиндагӣ ҳанӯз хеле камтаҷрибаву зудбовар ва калавандаанду на ҳамеша ба таъсироти номатлуби беруна истодагарӣ карда метавонанд. Аз ин рӯ, таълимгоҳҳоро зарур аст, ки ба тарбияи маънавии шогирдон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошанд ва ба онҳо, аз ҷумла, ҳадафу кирдорҳои нопоку пурзиёни террористону экстремистон ва дигар гурӯҳҳои тахрибкору манфиатҷӯйро тавзеҳ бахшанд, дар дили шогирдон нисбат ба ин неруҳои зиштамал ҳисси нафрат бипарваранд. Таъкид намоянд, ки дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм ба амнияти аҳли башар таҳдид карда, сабабгори зуҳури падидаҳои номатлуб дар ҷомеа ва таҳдид ба ҳаёти шаҳрвандон гардидааст.

Тоҷикистон яке аз муборизони фаъоли зидди тамоми қувваҳои зиёновари ҷомеа дар арсаи ҷаҳон мебошад. Ҳанӯз соли 2005 дар яке аз ҳамоишҳои бонуфузи байналмилалӣ (дар шаҳри Макка) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд: «Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани Худову бандагони ӯст. Ин гуна неруҳо, аз ҷумла, аз номи дини мубини ислом амал намуда, номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги волои исломиро пиёда месозанд». Терроризм дар асл як навъи идеология ва амалест, ки бо таҳдиду зӯроварӣ, фишороварӣ ба шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият, давлат ва низоми идоракунии расидан ба манфиатҳои нопоки худ асос ёфтааст. Ин ҳадафҳо сиёсию иқтисодӣ, идеологӣ ва геополитикӣ буда, бо ҳаёти инсонҳо, ба амалиёти аҳли башар ва ба бехатарии ҷомеа таҳдид мекунанд. Барои расидан ба ҳадафҳои кинаваронаву худкомонаашон террористон ба ҳама гуна кирдори зишт қодиранд, ба ҳар амали нопок даст мезананд ва ҳатто динҳои оламро ба манфиати худ сипар месозанд.

Дар Тоҷикистон қонунҳое таҳияву қабул шудаанд, ки экстремизму терроризм ва ҷонибдорони ин созмонҳои бадхоҳу душманони башариятро маҳкум мекунанд ва ҳама гуна тахрибкориро манъ месозанд. Соли 2016 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм» тасдиқ шудааст. Имрӯз дар саросари ҷаҳони мутамаддин мубориза бо гурӯҳу ташкилоту созмонҳои террористию экстремистӣ дар меҳвари сиёсати давлатҳо (Тоҷикистон низ) қарор дорад, тамоми неруҳои солиму башардӯст тахрибкоронро пайваста маҳкум месозанд ва бар зидди онҳо мубориза мебаранд. Сулҳу субот, осоиштагию дӯстӣ, ободию шукуфоӣ дар тамоми кишварҳои сайёра бояд абадан ҳукмрон бошанд.

***Ҷаҳоноро БОБОБЕКОВА,***
***омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода***

**Дар қаламрави пойтахт пас аз навсозӣ осорхонаи зери муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ифтитоҳ мешавад.**

АФКОР

# Саҳифаи тиллоии таърихи тоҷикон

*Дар шароити барои миллати тоҷик ниҳоят ҳассосу мушкил бо ҷасорату матонат ва масъулияти баланди ватандории як зумра вакилон 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид.*

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳифаи таърихи навини миллати тоҷик ҳодисаи сарнавиштсоз ва арзишманд ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин Иҷлосияи таърихӣ сиёсатмадори ҷавон, донишманду фозил ва хирадманду дурандеш Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд ва маҳз дар ҳамин Иҷлосия ҷиҳати барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва фаъолияти устувори соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар заминаҳои воқеӣ гузошта шуд.

Бо талошҳо ва ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи гурӯҳҳои мусаллаҳ ба Иҷлосия даъват карда шуданд. Гурӯҳҳои манфиатдор, ки шумораашон хеле зиёд буд, бо ҳам омада, баъди маслиҳатҳои тӯлонӣ шартҳои худро гузоштанд. Роҳбари давлат, ки холисона мехостанд пеши роҳи ин ҷанги хонумонсӯз гирифта шавад, танҳо ба хотири миллати тоҷик ба ҳамаи шартҳо розӣ шуданд. Гурӯҳҳои манфиатдор низ ба ҷасорату хиради ин марди оқилу доно тан дода, байни ҳамдигар оштӣ карданд, силоҳҳои худро гузошта, дар назди Парчами давлатӣ якдигарро ба оғӯш гирифта, ҳама ваъда доданд, ки ба ин ҷанги бемаънӣ хотима медиҳанд. Маҳз дар ҳамин Иҷлосия оянда кишвари мо ба унвони ҷумҳурии соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ ва эълон гардид, нахустин хиштҳои эъмори давлати соҳибистиқлол гузошта шуданд. Вақт ҳамчун довари бузургу беназир ба раванди марҳилаҳои гуногуни ҷомеасозӣ дар ҳама давру замон баҳои холисона дода, собит намудааст, ки маҳз шахсиятҳои бузург қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ раҳнамоӣ кунанд, дар қалбу дидаи мардум умед ба зиндагии шоиста ва ояндаи дурахшонро барафрӯзанд.

Фалаҷ гаштани низоми ҳокимияти давлатӣ, набудани манбаъҳои иқтисодӣ ва дар аксари ҳолатҳо риоя нагаштани қонун ҳар лаҳзаву ҳар маврид эҳтимолияти ба нестӣ бурдан миллатро таҳдид мекард.

Андеша, хиради азалӣ ва талошҳои пайгиронаю оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳзаҳои душвор миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз нестшавӣ наҷот дод.

Хурсандии хурду бузург аз он сарчашма мегирифт, ки дар рафти Иҷлосияи тақдирсоз бо ташаббуси Роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои муҳими давлатӣ оғоз карда шуд.

Аз ҷумла, ҷиҳати ҳарчи зудтар хотима додан ба ҷанги харобиовар, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, барқарор кардани зиндагии осоиштаи мардум ва фаъолияти муназзами мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси артиши миллӣ ва сохтору қувваҳои сарҳадӣ ба роҳ мондани ҳифзи сарҳади давлатӣ, барқарор намудани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои дигари ҳокимият аз марказ то маҳалҳо, ба Ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ, андешидани ҷораҳои фаврӣ ҷиҳати аз байн бурдани хатари гуруснагӣ, бо маводи



озуқа ва доруворӣ таъмин кардани мардум ва танҳо бо роҳи сиёсӣ, яъне музокироти миёни тарафҳо ҳал кардани мушкилоти мавҷуда аз иқдомот ва қарорҳои қабулшудаи он Иҷлосия махсуб меёбанд.

Маҳз ин рӯйдоди муҳими таърихӣ тавонист, ки тоҷиконро ба сулҳу ваҳдат оварад, барои устувор гардонидани пояҳои давлатдории навини миллӣ дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ замина фароҳам созад. Яке аз дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар солҳои баъдӣ падид омад, ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар буд. Соли 1994 бо қабули аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол шакли идории давлат ва низоми президентӣ табдил дода шуда, дар асоси он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Кишвари хуршедии мо то соли 1997 пойбанди моҷарои таҳмилӣ буд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ, шахсияте лозим буд, ки бо иродаи матин аламҳоро аз синаҳои мардум пок намудаву ҳамаро дар сари як мафҳум - ваҳдати миллӣ муттаҳид намояд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин ҳадафи олӣ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи хиради комили сиёсӣ ҳамаи ҷонибҳои ба сулҳи тоҷикон манфиатдорро гирди ҳам оваранд ва дар ниҳоят, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба имзо расид. Дар маҷмуъ, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муттаҳидсози мардуми кишвар шароите фароҳам овард, ки ваҳдати миллӣ ҳарчи зудтар ба вукуъ пайвандад, истиқлоли давлатӣ пойдор бимонад, тахкурсии устувори ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум, ободии кишвар ва ояндаи неки давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.

Натиҷаи чунин ҷоннисориҳо ва аз худ гузаштанҳо буд, ки имрӯз кишвари моро ҳамчун ҷумҳурии соҳибистиқлол ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҷаҳон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ эътироф кардаанд. Дар як муддати кӯтоҳ Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз 190 кишвари олам эътироф карда, 178 давлат бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монданд. Намояндагиҳои дипломатии қариб 50 давлат дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва кишвари мо узви беш аз 55 созмони байналмилаливу минтақавӣ мебошад.

Марҳила ба марҳила рушду инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ бо амалӣ намудани чор ҳадафи стратегии мамлакат: таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар роҳу равиш ва фазои зисти диёрро боз ҳам хушоянду гуворо намуд. Дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ хомӯш кардани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, эъмори давлати миллӣ ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, муаррифии забон ва миллату давлат дар арсаи байналмилалӣ, дар замири ҷавонони тоҷик эҳё намудани тафаккури миллӣ, эҳёи муқаддасоти миллӣ, аз қабили нишон, парчам, суруди миллӣ ва пули миллӣ, пайваста дастгирӣ ва сарпарастии ятимону барҷомондагон, бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, соҳаи варзиш, ташаббусҳои сатҳи байналмилалӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳо, барои некуаҳволӣ ва ба зиндагии шоиста расидани халқи тоҷик, ҳифзи давлату миллат аз ҳар гуна омилҳои маҳву парокандагӣ аз ҷумлаи фаъолияти пурсамари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

***Абдуҳафиз АБДУҚОДИРОВ,***
***н.и.т., дотсенти Донишгоҳи давлати ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон***

МЕҲРИ ВАТАН

# Ваҳдат – саодати миллат

Бо соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурии азизамон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат дигаргуниҳо ба вукуъ пайвастанд. Дар шумори руҳдодҳои дигари фараҳбахшу мақбул дар забони модариямон низ як силсила навгониҳо ба амал омаданд. Аз ҷумла, теъдоде аз вожаву ифодаҳои нав ба забон ворид гаштанд ва қисмате аз онҳо хеле фаъол ва сари забонҳо гардиданд. Калимаи ваҳдат ва ибораи ваҳдати миллӣ дар забони тоҷикӣ маҳз дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон пуристифодаву маъмул шуданд. Ваҳдат дар луғатномаҳо ба маънои ягонагӣ, ҳамдилию рафоқат омадааст. Чун дар оғози даҳсолаи охирини асри 20 Тоҷикистон соҳиби истиқлоли давлатӣ гашт, мутаассифона, дар кишвар даргириҳои дохилӣ ба амал омаданд, ки ба парокандагию руҳафтодагӣ ва зиддияти мардум боис гардиданд. Зарурати ба ҳам овардану муттаҳид кардани сокинони мамлакат ва аз дилҳо зудудани кинаву адоват ба миён омада буд. Ин масъулияти таърихӣ ва амали наҷотбахши миллатро ба шарофати Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Тоҷикистон фарзонафарзанди далеру дилсӯзи Ватан Эмомалӣ Раҳмон ба зимма гирифт ва пас аз фидокориҳову азму талоши самарбору беназир ҷамъи парешонгаштаро ба ҳам овард, муттаҳиду устувор сохт ва дар дилҳо шуълаи умед афрӯхт. Тоҷикистони ҷангзада ниҳоят ба ваҳдат расид ва ҳама ҳарфи ваҳдату суруди ваҳдат ба забон оварданду шиор заданд: «Ваҳдат саодати миллат аст!» Созишномаи сулҳу ваҳдати Тоҷикистон охири моҳи июни соли 1997 ба имзо расид ва аз ин пас кишвар ба ваҳдатистон табдил ёфт. Дар ҷумҳурӣ 27 июн Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид, ки инак, беш аз бист сол боз ҳамасола бо шукӯҳу тантана таҷлил мешавад.

Ваҳдат бозёфт ва сарвати бузургтарини миллати мо дар даврони соҳибистиқлолист. Мо, аҳли кишвар, онро бояд ҳамеша ҳифз намоему ба боз ҳам неруманду устувор гаштанаш мусоидат кунем. Дар ин самт, махсусан, аҳли таълиму тарбия масъулияти бештар доранд. Тавзеҳи аҳамияту моҳият ва тарғиби ваҳдат бояд мазмуну муҳтавои тамоми машғулиятҳои мактабиро фарогир бошад. Шогирдони мо бояд хуб донанд, ки ваҳдат дар Тоҷикистон ба чӣ қимате, ба чӣ азму талошхое ба даст оварда шудааст, чӣ арзишу мавқее дорад ва чӣ гуна бояд дар ҳифзу рушди он ҳиссагузор буд. Ба шогирдон, пеш аз ҳама, бояд оид ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври густурдаву муассир ва бо истифода аз далелҳои воқеии таърихӣ ҳикоят кард. Ба онҳо, аз ҷумла, ин гуфтаҳои падаронаву ҳикматбори Сарвари кишварро дар ситоиши ваҳдат батакрор гӯшрас бояд кард: «Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард. Ваҳдат аз бузургтарин муқаддасот барои ҳар як сокини аст ва ҳар яки мо масъулем, ки ҳамеша дар пайи ҳифзи он бошем».

Имрӯз ҳар як машғулияти омӯзгорон дар тамоми зинаҳои таҳсилот бояд дар баробари омилҳои дигари созанда ба хонандагон ваҳдати миллатро чун саодати миллат таблиғгар бошад.

***Гулшан МАНЗАРШОЕВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии литсейи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

КОНФЕРЕНСИЯ

# Рамзҳои давлатӣ

Парчам дар қатори Конститутсия, Нишон ва Суруди миллӣ аз ҷумлаи рамзҳо ва муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб рафта, аз соҳибдавлатӣ ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад. Дар ин бора дар конференсияи илмӣ – назариявӣ, ки бо номи «Парчами миллӣ – омили тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» бахшида ба Рӯзи Парчами миллӣ дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ташаббуси Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бо иштироки як қатор олимону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва роҳбарияти КИ ҲҲДТ дар ноҳияи Шоҳмансур баргузор гардид, сухан рафт. Директори ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, номзади илмҳои физика – математика Асадулло Наҷмиддиниён иброз дошт, ки гиромидошти муқаддасоти миллӣ вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, он бахусус, дар тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавонон саҳми бориз мегузорад. Дар маърӯзаҳои доктори илми педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди маорифи ПРМ Таваралӣ Зиёзода – «Парчами миллӣ – рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мудири шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими АТТ, номзади илми педагогӣ Сайфиддин Камолзода – «Нақши Парчами миллӣ дар тарбияи ватанпарастии наврасону ҷавонон», мудири шуъбаи технология, тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ-и ПРМ Шакармо Суриева – «Парчами миллӣ – ифодагари истиқлолияту сарҷамъӣ ва ватандӯстӣ», ходими калони илмӣ шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ – педагогии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Санавбар Шарифова – «Парчами миллӣ ва тарбияи худшиносиву худогоҳии насли наврас» низ ин нукта таъкид гардид. Гуфта шуд, ки тарғиби чунин муқаддасоти миллӣ бояд ҳамеша вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди мамлакат махсуб ёфта, қадру манзалати он боло бардошта шавад.

***Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»***

Дар шаҳри Душанбе лоиҳаи Кодекси иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шуд.

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

# Мавқеи Тоҷикистон

## ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Ғафуров (асосан аз ҳисоби ҷамоати Хистеварз ё Қистакӯзи собиқ), 56 000 гектар замин дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (асосан минтақаи ҷангалзори Андарак), 61 000 гектар замин дар ҳудуди шаҳри Исфара (асосан аз ҷамоатҳои Сурх, Чоркӯҳ ва Ворух), баъзе қитъаҳои нисбатан хурди дигар дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Спитамен ва ғайраро дар бар мегиранд.

Барои тасаввури дақиқ дар бораи миқёс ё паҳнои ҷуғрофии баҳс, 211 000 гектар ва ё 2110 километри мураббаъ замин тахминан ба ҳудуди якҷояи шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Хуҷанд (бо назардошти тамоми ҳудуди маъмурии деҳоти онҳо) ё тахминан беш аз **ДАҲ ҲУДУДИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ** бо афзудаҳои нави атрофаш баробар аст! Яъне дар ин баҳс сухан дар бораи чунин минтақаи азим меравад.

Агар дар мисоли берунӣ бингарем, ин заминҳои ғасбшуда қариб баробари ҳудуди кишвари Люксембург дар Аврупо, ё тақрибан ду баробари ҳудуди кишварҳои Сингапур ва Баҳрайн дар Осиё мебошанд.)

Ин заминҳо, ки қаламравии қонунии Тоҷикистон ҳастанд, дар тӯли ҳудуди 90 соли охир бо роҳу воситаҳои гуногун, ки шарҳаш меояд, ба ихтиёри Қирғизистон гузашта, ҳоло амалан аз тарафи ин кишвар идора ва истифода мешаванд. Ҷузъи ҳудуди Тоҷикистон будани ин заминҳо дар замони Шуравӣ низ маълум буд ва дар ин замина ҳар гоҳе баҳсҳои маъмурӣ ва маҳаллӣ ба вуҷуд меомаданд. Аммо чун то соли 1991 ҳар ду ҷумҳурӣ ба таркиби давлати ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ дохил буданд, марзҳои ду ҷумҳурӣ марзҳои байнидавлатӣ ҳисоб нашуда, баҳси ҳуқуқию сиёсии тақсими марзҳо дар ин сатҳ намеистод. Бо касби истиқлоли сиёсӣ ва давлатӣ вазъияти ҳуқуқию сиёсии сарҳадҳо комилан тағйир ёфта, зарурати ба таври расмию ниҳоӣ муайян кардани сарҳади байни ду давлати мустақил пеш омад. Бинобар ин, Тоҷикистон сарҳадҳои давлатии худро дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии муайянкунандаи сарҳади ду давлат мушаххас карда, **АЗ ҚИРҒИЗИСТОН ТАЛАБ ДОРАД, КИ ЗАМИНҲОИ АЗ ҲИСОБИ ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИХТИЁРИ ХУД ДОШТАРО БАРГАРДОНАД.**

То имрӯз дар ин масъала байни ду кишвар беш аз 100 мулоқоту гуфтугӯи сатҳҳои гуногун сурат гирифта, аз наздики 990 км хатти сарҳадӣ дар бораи беш аз 602 километр ё ҳудуди 61% аз он тасвири лоиҳавӣ таҳия ва аз ду тараф мувофиқа гаштааст. Аммо тибқи изҳори Вазири корҳои хориҷии ҶТ аз 23.09.2022, ҷониби Қирғизистон аз имзо ва расмият бахшидани мувофиқаи ҳосилшуда дар бораи ин бахш аз сарҳадҳои давлатӣ (61%) низ худдорӣ менамояд. Омода будани созишнома дар бораи ин бахши марзҳо, гузаштани расмиёти дохилидавлатии он дар Тоҷикистон, омодагии Тоҷикистон барои имзои он ва «бо сабабҳои ба ҷониби Тоҷикистон вобастанабуда» то имрӯз ба имзо нарасидани ин ҳуҷҷат дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо сокинони ҷамоати Ворухи шаҳри Исфара аз 09.04.2021 низ садо дода буд.

Аммо дар 39%-и боқимондаи хатти сарҳадӣ феълан вазъияти печидаву муайянношуда идома дорад. Дар ин қитъаҳо бо сабабҳои баҳсӣ боқӣ мондани масъалаҳое чун истифодаи оби нӯшиданиву полезӣ, замини истиқоматию кишоварзию чарогоҳ, роҳу пулу гузаргоҳ, хатти барқу захираҳои табиӣ ва ҳатто қабристон ҳар гоҳ байни сокинон ихтилофу низоъҳо сар зада, солҳои охир моҳияти хунин мегиранд. Дар чунин вазъият, риоя нашудани қарордодҳои ҷузъии дуҷониба дар бораи мақом ва истифодаи қитъа ва иншооти мушаххаси наздисарҳадӣ, ки дар солҳои охир ба имзо расидаанд, вазъиятро боз ҳам печидаву ноустувортар мегардонад. (Намунаи ахири он соли 2021 аз созишномаи соли 2006 дар бораи иҷораи замин баромадани Қирғизистон аст, ки эътимоди байнисарҳадиро амалан аз байн мебарад).

Илова бар ин, ҷониби Қирғизистон соли 1999 бо фарогирии аксари қитъаҳои баҳсӣ вилояти нави Боткандро (Баткент) таъсис намуда, бо қабули қонуни махсуси миллӣ «Дар бораи мақоми вилояти Ботканд» (№113 аз 10-уми сентябри соли 2021) ин вилоятро амалан ба ҳавзаи махсуси ҳарбиву мудофиавӣ табдил карда, ҳатто ба низоъҳои маишиву иҷтимоии аҳолии минтақаҳои сарҳадӣ моҳияти ҳарбиву сиёсӣ мебахшад. Банди 14-уми ин қонун мушаххасан пешбинӣ мекунад, ки дар ин вилоят (дар заминҳои қонунии Тоҷикистон) бо додани имтиёзҳои бисёр зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ, шумораи аҳолӣ ва нуктаҳои аҳолинишини қирғизӣ ба таври мақсаднок зиёд карда шавад. Қонуни нави ин кишвар, ки 20-уми октябри соли 2022 қабул гашт, ҳатто мусаллаҳкунии саросарии сокинони ин деҳаҳои амалан ғайриқонуниро пешбинӣ мекунад. Чунин ҳолатҳо дар маҷмуъ, ба ҷойи осонтар кардани ҳалли масъала, имкони ба низои мусаллаҳи васеъ ва байнидавлатӣ табдил ёфтани баҳсро рӯз аз рӯз зиёдтар мекунад…

Моҳияти асосӣ ва содаи баҳси марзии байни ду давлати ҳамсоя чунин аст.

### 2.БАҲСИ ҲУҶҶАТҲО ДАР МАСЪАЛАИ МАРЗ: Ё «ҲУҶҶАТИ РАСМИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ БАЙНИДАВЛАТӢ» ЧИСТ?

Яке аз печидатарин гиреҳҳое, ки дар мушкилаи марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба миён омадааст, баҳси ҳуҷҷатҳост. Моҳият ва аҳаммияти ин масъала дар он аст, ки маҳз ҳуҷҷатҳо имкон медиҳанд, то **МАВЗУИ ГУФТУГӮҲО МУШАХХАС ГАШТА**, ҷонибҳо мавқеи худро ба таври мушаххас, асоснок ва устувор шакл бидиҳанд. Ё маҳз ҳуҷҷатҳо имкон медиҳанд, ки ҳақиқати таърихӣ маълум шуда, дар музокирот рӯи санад ва хулосаи мушаххасе тавофуқ ҳосил гашта, роҳи ҳалли мушаххасе ба даст ояд. Яъне, бо доштани «ҳуҷҷати такягоҳӣ» баргузорӣ ва идомаи музокироти мушаххас ва барқарории адолат номумкин аст.

Аммо раванди гуфтугӯҳо нишон медиҳад, ки ду ҷониб дар масъалаи ҳуҷҷатҳо ихтилофи усулӣ доранд.

Муҳимтарин баҳси ҳуҷҷатии ин раванд мушаххас кардани «ҳуҷҷати такягоҳӣ» ё ҳуҷҷатҳои бунёдии расмию қонунии муайянкунандаи сарҳади давлатии байни ду кишвар аст. Мувофиқи назари Тоҷикистон, ки асоси қавии таърихӣ, ҳуқуқӣ ва мантиқӣ дорад, **«ҲУҶҶАТИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ БАЙНИ ДУ КИШВАР» ТАНҲО ОН ҲУҶҶАТЕ МЕБОШАД, КИ ТАМОМИ РАВАНД ВА РАСМИЁТИ (ПРОТСЕДУРАИ) ТАСДИҚИ РАСМИИ САТҲИ ДАВЛАТӢ ВА БАЙНИДАВЛАТӢ ДАР МАСЪАЛАИ САРҲАДМУАЙЯНКУНИРО ГУЗАШТА, ҲАМЧУН САНАДИ РАСМИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ БАЙНИ ДУ КИШВАР ЭЪТИРОФ ШУДА БОШАНД.** Яъне, санадҳое, ки дар солҳои гуногун байни шахсони алоҳида, ҷамоатҳо, хоҷагиҳо, шаҳру ноҳияҳо, комиссияҳо ва ғайра дар бораи истифодабарии муваққатӣ ё ҳатто, доимии заминҳо ҳосил шудаанд ва расмиёти тасдиқи давлатӣ ва байнидавлатиро нагузаштаанд, наметавонанд ҳамчун «ҲУҶҶАТИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ» эътироф шаванд. Ҳатто санадҳои расмие, ки яке аз ҷонибҳо **БА ТАВРИ ЯКҶОНИБА** дар сатҳи давлатии худ қабул намуда, аз тарафи ду давлат расмиёти заруриро нагузаштаанд, низ наметавонанд асоси муайянкунии сарҳадҳои давлатӣ қарор гиранд. Ин мавқеи қатъии ҷониби Тоҷикистон аст.

Зарурати амалии истодагии Тоҷикистон бар ин асл дар он аст, ки аксари заминҳои мавриди баҳс, ки ҳоло дар ихтиёри Қирғизистон қарор доранд (ҳамон 211 000 га), дар тӯли ҳудуди 90 соли охир маҳз дар асоси амалу санадҳое чун муомилаи байниҳамдигарии шаҳрвандони оддӣ ё мансабдори маҳаллӣ (1), табодули замин байни колхозу совхозҳо (2), тавофуқи роҳбарони ҷамоату шаҳру ноҳияву вилоятҳо (3), қарори вазорату идораҳои соҳавӣ (4), ҳолатҳои фурӯхта шудани замин дар сатҳҳои гуногун (5), протоколҳои комиссияҳои муштарак (6), иҷорадиҳии расмии байниидоравӣ ё байнидавлатӣ (7) ва ғайра ба ихтиёри кишвари ҳамсоя даромадаанд. Яъне, аксари ин заминҳо амалан давра ба давра дар сатҳҳои гуногун ва дар доираи манфиатҳо ва рӯҳияҳои гуногун ба қирғизҳо вогузор шудаанд…

Як «нуқтаи қувват»-и ҷониби Қирғизистон низ маҳз ҳамин аст, ки барои ба истифодабарии он вогузор шудани бахше аз ин заминҳо дар ихтиёри кишвари ҳамсоя санадҳои маъмурию маҳаллии гуногунсатҳ вуҷуд доранд.

Аммо «нуктаи қувват»-и Тоҷикистон ин аст, ки ҳеҷ яке аз ин санадҳо, ки байни шахсону хоҷагиҳою минтақаҳою идораҳо дар бораи истифодаи заминҳо ба имзо расидаанд, расмиёти зарурии давлатиро нагузашта, **ҲАМЧУН ҲУҶҶАТИ РАСМИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН ЭЪТИРОФ НАШУДААНД.** Аз ин рӯ, ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун санадҳои истифодаи замин дар марҳилаҳои гуногун барои истифодаи муваққатии заминҳои мушаххас асос шудаанд, аммо ҳеҷ яки онҳо эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷати расмии байнидавлатиро надошта, наметавонад барои тағйир додан ва муайян кардани марзҳои байнидавлатӣ асос қарор дода шавад.

Ин аст моҳияти мавқеи Тоҷикистон дар масъалаи «ҳуҷҷатҳои такягоҳӣ».

Аммо ҷониби Қирғизистон аз чунин гузоштани масъала ё эътирофи ин воқеият манфиатдор нест, зеро маҳз ҳамин навъи гузориши масъала аз назари қонунӣ пурра ба Тоҷикистон тааллуқ доштани ин заминҳоро исбот мекунад. Аз ин рӯ, ҷониби Қирғизистон дар музокироти марзӣ санадҳои гуногунқурби давраҳои гуногунро, ки асосан ба додугирифти байни хоҷагиҳо (1), истифодабарии муваққатии заминҳо (2) ё ба таъсиси ташкилотҳои байналмилалӣ(3) дахл доранд, ҳамчун асос пешниҳод мекунад. Бо ин кор Қиргизистон талош мекунад, ки заминҳои аз ҳисоби Тоҷикистон амалан дар ихтиёр доштаи худро расмияти ҳуқуқӣ бахшад.

Аммо мушкил дар он аст, ки:

**Якум,** ҳеҷ яке аз ин санадҳо қурби ҳуҷҷати расмии муайянкунандаи сарҳади давлатии байни ду кишварро надоранд.

Дувум, дар сурати ба ин «асос» ё тарзи гузориши масъала розӣ шудани Тоҷикистон, аксари заминҳои мавриди баҳс ба таври «қонунӣ» ба Қирғизистон тааллуқ мегиранд. Ин ҳолат на ба ҳақиқати таърихӣ, на ба асосҳои ҳуқуқӣ ва на ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон ҷавобгӯй нест.

Ин аст моҳияти баҳси ҳуҷҷатҳо байни ду кишвар.

**(Давом дорад)**

***Абдуллоҳи РАҲНАМО,***
***коршинос оид ба масъалаҳои байналмилалӣ***



*Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,*
*Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*

«Омӯзгор» № 48, 1 декабри соли 2022

САБҚАТ

# Ҳамида ба даври ҷумҳуриявии «Мураббии сол-2022» роҳхат гирифт

***Ҳафтаи гузашта дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф даври минтақавии озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон – 2022» бо иштироки довталабон аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баргузор гардид. Озмунро ректори ДҶТИБКСМ Ҷамшед Намоззода ифтитоҳ намуд. Муовини сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ З.Нарзуллозода дар суханронии худ, аз ҷумла, зикр намуд, ки дар озмун мураббиёни болаёқат маҳорату малакаи худро муаррифӣ хоҳанд кард.***

| **Сарҳад** | граница | *border [ˈbɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peıʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[kla:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kənˈstrʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaıl]* |
| **Табиат** | природа | *nature [ˈneıʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈda:ktər], physician [fıˈzıʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kənˈgrætjuˈleıʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ınˈvaıt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition [ˈrepıˈtıʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turıˈpi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wa:tʃ],see [si:];spectacle [ˈspektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body [ˈbɔdı]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrıŋıŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒʊˈkeıʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeılz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [trænsˈleıʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies [ˈstʌdıs],learning [ˈlɜ:rnıŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu ˈstʌdı]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ıkˈspı(ə)rıəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday [ˈhɔlıdı], vacation [vəˈkeıʃ(ə)n] (for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [əˈpɔləʤı], excuse [ıkˈskju:s]* |
| **Укёнус** | океан | *ocean [ˈəuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences [ˈsaıəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laıf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lıv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ın ˈʤen(ə)rəl], overall [ˈəuvəˈrɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general[ˈʤen(ə)rəl], public [ˈpʌblık]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs [ˈkʌstəmz], habits [ˈhæbıt]* |
| **Усто** | мастер | *master [ˈma:stə], foreman [ˈfɔ:mən], skilled workman [skıldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop [ˈwɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher [ˈti:ʧə],mentor [ˈmentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady[ˈstedı], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty [ˈdju:tı], responsibility [rıˈspɔnsəˈbılıtı], task [ta:sk], job [ʤɔb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu ˈʌndəˈstænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuıkˈsplem]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [təˈmɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraı], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaild]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture [ˈkʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season[ˈsi:z(ə)n]* |

БА ОЗМУНИ «ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲОМӢ, АРҶГУЗОР ВА ТАРҒИБГАРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

# Пешвои миллат ва рушду такомули забон

***Дар тамоми марҳалаҳои таърихӣ барои миллати тоҷик масъалаи ҳастиву бақои миллат, забон, фарҳанг ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ аз ҳама муҳим ба шумор мерафт. Дар ин росто, аҳли маърифат, олимону зиёиёни шарафманд ва парчамбардорони миллати тоҷик ҷиддан истодагарӣ намуда, ба душманону нотавонбинон ҷавоби муносиб додаанд. Таъриху адабиёти пурғановати халқи тоҷикро барои оламиён муаррифӣ ва исбот намудаанд, ки забону фарҳанги халқи тоҷик решаҳои амиқу мустаҳкаме дар замини тамаддуни умумибашарӣ дорад.***

Муқаддамтар аз ҳама, дар саргаҳи чунин мубориза ҳо устод Садриддин Айнӣ меистад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти хизматҳои бузурги ин абармард ба асосгузори адабиёти муосири тоҷик унвони Олии Қаҳрамони Тоҷикистонро сазовор донистанд. Ин иқдом арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ ва ҳомиёни он аст.

Далели ин арҷгузориро Пешвои миллат дар асари худ «Чеҳраҳои мондагор» ҳангоми таҳлилу баррасии фаъолияти омӯзандаи устод Садриддин Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров чунин тавзеҳ додаанд: «Аз байни ин фарзандони сарсупурда ман ду нафарро махсус ном бурдан мехоҳам, ки барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносию ватандорӣ ва истиқлолияти тоҷикон хизмати бузург кардаанд. Ин ду фарзанди барӯманди халқ, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров мебошанд… Нахуст хизмати шоистаи Садриддин Айнӣ алайҳи онҳое, ки бешармона халқи тоҷик ва забону адабиётро инкор мекарданд, солҳои 1919-1921 ва 1924-1926 дар саҳифаҳои матбуот, хосатан, дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” бо санаду бурҳони қотеъ доир ба таъриху тамаддун ва забону адабиёти тоҷик, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ мақолаҳои зиёд интишор намуда, халқро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ даъват кардааст».

Хизмати дигари пурарзиши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар равшан намудани масоили сарнавишти забони тоҷикӣ дар давраҳои басо мураккаб ва пурҳаводису пуртазоди таърихи халқи тоҷик, нашри китоби дуҷилдаи «Забони миллат-ҳастии миллат» мебошад.

Пешвои миллат рисолати навиштани асари мазкурро чунин шарҳ додаанд: «Ҳадафи асосии мо он аст, ки хонандагон, махсусан, насли ҷавони мо, огоҳ бошанд, ки ниёкони онҳо, сарфи назар аз номулоиматӣ ва номеҳрубониҳои таърих, то чӣ ҳад дар ҳифзи ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан, забони модарии хеш кӯшиш ба харҷ дода, барои мо забони тавоноеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Акнун вазифаи ворисони ин забон он аст, ки ин кохи муҳташамро аз газанди боду борони замони ҷаҳонишавӣ нигаҳ дошта, то ҷойи тавон онро бо ғановати бештар ба наслҳои оянда ба мерос гузоранд.»

Китоби якуми «Забони миллат-ҳастии миллат» бо номи «Ба сӯйи поядагӣ» рӯйи чоп омада, аз рӯйдоди таърихии барои халқи тоҷик арзишманд-Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, ба сӯйи пояндагӣ бо қадамҳои устувор гом бардоштанро дар нигаҳдошту эҳтиром ва арҷ гузоштан ба яке аз муқаддасоти миллӣ-забони тоҷикӣ раҳнамоӣ менамояд.



Китоби аввал аз пешгуфтор, 6 боб ва хулоса иборат аст. Боби 1. Даврабандии таърихии забони тоҷикӣ (Мардуми ориёӣ ва забони онҳо). 2.Саргузашти таърихии вожаи «тоҷик». 3. Забони мо дар давраи истилои араб ва нахустин сулолаҳои эронитабор. 4. Забони навиштории тоҷикӣ: Давраи оғозин. 5. Давраи болангагӣ ва шукуфоии забони тоҷикӣ (давраи Сомониён). 6. Густариши забони тоҷикӣ ба сифати забони байналмилалиро дар бар мегирад.

Асари дуюми Сарвари давлат бо номи «Забон ва замон» чоп гардида, саргузашту сарнавишти забони модарии моро аз ҳамлаи муғул (асри 13) то суқути сулолаи Манғитиён дар Осиёи Миёна ва эълони Ҷумҳурии Халқии Бухоро (1920) дар бар мегирад. Асари мазкур аз 7 боб иборат аст.

Бояд таъкид намуд, ки танҳо дар таълифи китоби дуюм Пешвои миллат аз 410 асари илмӣ ва маъхазҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва бо хати форсӣ истифода бурдаанд, ки ин муътамадии далелу бурҳон ва рақамҳоро исбот менамояд.

Пас аз мутолиаи асари мазкур хонанда забони тоҷикиро дар паҳнои таърих, дар мубориза бо душманону хоинони миллати тоҷик дар майдони набарду мубориза, қатлу хунрезиҳо, таназзулу такомул ва густаришу пойдорӣ дар қатори абармардони миллати хеш, ки дар ин роҳ ҷоннисориҳо намуда, кушта шуданд, мебинад ва сари таъзим ба ин миллату ҷавонмардонаш фурӣ меорад.

Хизматҳои дигари Пешвои миллат, дар иқдоми он кас ҷиҳати даровардани ислоҳоту тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», дар хусуси эълон намудани 5 октябр-Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, таҳия ва нашри донишномаҳо, луғатномаҳо ва асарҳои оламшумули адибони классик ва муосири тоҷик, бузургдошти чеҳраҳои адабию фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Дар охир бо овардани чанд нуктаи асосии суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (аз 27.09.2022) бахшида ба ифтитоҳи бинои нави Донишкада ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иктифо намуда, ҳамзамон таъкид менамоем, ки Сарвари давлат дар тамоми Паёму суханрониҳояшон ҳифзу гиромидошти забони давлатӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани онро таъкид намуда, ба ин васила, дар зеҳну шуури мардум эҳсоси худшиносии миллиро тақвият бахшидаанд:

«Забон дар раванди барпо кардани давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалия ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад. Аз ин рӯ, беэътиборӣ ё беэҳтиромӣ нисбат ба забон қотеътарин далели надоштан ё гум кардани ҳисси миллӣ мебошад».

***Фатҳиддин БАҲРИДДИНОВ,***
***раиси иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маорифи ноҳияи Айнӣ***

ЗАБОНОМӮЗӢ

# Заминаи муҳими комёбиҳо

***Дар ҷомеаи мо таваҷҷуҳ ба забономӯзӣ мунтазам меафзояд. Аз ин рӯ, марказҳои омӯзиши забонҳо дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамасола зиёд мешаванд, сатҳи таълими забонҳо дар мактабҳо боло меравад, дастуру луғатҳо барои забономӯзӣ пайваста ба нашр мерасанд ва дар воситаҳои ахбори омма мақолаҳои илмию методӣ дар ин мавзуъ зиёд чоп мешаванд.***

Афзудани таваҷҷуҳи ҳамагонӣ ба забономӯзӣ дар ҷумҳурии мо аз дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад. Сарвари кишвари мо зимни ҳар суханрониашон дар ҳамоишҳои гуногун, ҳангоми мулоқотҳояшон бо аҳли ҷомеа ва дар вақти сафарҳояшон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба масъалаи забондонию забономӯзӣ, махсусан, барои наврасону ҷавонон дахл мекунанд ва аз ин лиҳоз дастурҳо медиҳанд. Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки мо дар давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр ва дар замони рушди муносибатҳои байналмилалӣ зиндагӣ дорем.

Робита дар соҳаҳои гуногун бо тамоми давлатҳои дунё имрӯз аз умдатарин масоил ба шумор меравад. Барои ин донистани забонҳои маъруфи ҷаҳон хеле муҳим аст.

Забондонӣ ба ривоҷи дӯстию рафоқат, ҳамдилию ҳамдигарфаҳмӣ, ба инкишофи муносибатҳои илмию фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Метавон гуфт, ки забон калиди дари ҳама гуна комёбиҳо дар сатҳи байналмилалист. «Донистани якчанд забон, ки аз анъанаҳои деринаи гузаштагони бузургамон маншаъ мегирад, имрӯз ҳама қишрҳои ҷомеаро водор месозад, ки дар баробари аъло донистани забони давлатии худ, яъне тоҷикӣ, донандаи хуби дигар забонҳо низ бошанд». Дар таблиғу тарғиби забондонӣ ва забономӯзӣ беш аз ҳама муассисаҳои таҳсилоти умумӣ масъулият ба дӯш доранд. Ба ибораи дигар, маҳз мактаб заминагузори забондонии насли наврас аст. дар таълимгоҳҳои ҷумҳурии мо асосан забонҳои русию англисӣ ва немисӣ омӯзонида мешаванд. Вобаста ба ин фанҳо таълимгоҳҳои кишвар бо китобҳои дарсӣ таъмин карда шудаанд. Ин китобҳои дарсӣ ҳамбаста ба махсусиятҳои миллӣ ва дар такя ба табиати забони тоҷикӣ таҳия гардидаанд, ки ин барои омӯзгорону шогирдон омили хеле муҳим аст. Ҷои баҳс нест, ки донистани ҳар забони хориҷӣ танҳо дар сурати хуб донистани забони модарӣ имконпазир мегардад. Забонҳои олам бо ҳам хешию наздикии дерин ва решагӣ доранд, ҳамдигарро такмил медиҳанд, ғанитар месозанд. Вомгирии забонҳо аз ҳамдигар як ҳодисаи маъмул ва маъқул аст.

Барои пурсамару ҳадафгир гаштани дарсҳои омӯзгори забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) китобу дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои методӣ, иттиҳодияҳои методӣ, табодули таҷриба байни устодон, луғатномаю фарҳангҳо, намоишҳои видеоӣ, сурату нақшҳои гуногун, барномаҳои махсуси радиою телевизион, саёҳатҳои ҳадафмандона, озмуну ҷашнвораҳо ва амсоли инҳо мадад мерасонанд.

Дар забономӯзии шогирдон, махсусан, пайваста омӯхтани луғат аҳамияти барҷаста дорад. Луғатомӯзӣ бунёди забономӯзист. Ташкили дафтари луғат байни хонандагон ва назорат нисбат ба истифодаи он ба аҳамияти махсус молик аст. Вобаста ба луғатомӯзӣ байни шогирдон дар ҷараёни ҳар дарс ташкил кардани бозиву сабқатҳои грамматикӣ манфиатовар хоҳад буд (чун «Луғатдони беҳтарин», «Кӣ бештар луғат медонад?», «Маънои ин калимаҳоро… гӯед», «Этимологияи калимаҳо»). Забономӯзӣ фаъолияти ҳамешагиро тақозо дорад, бояд мунтазам зимни китобхонию суҳбатҳои байниҳамдигарӣ захираи луғавии худро такмил бахшид. Бузургон гуфтаанд, ки забондонӣ тавоноист. Ин ҳикмати барҳақ боз ҳам моро ба омӯзиши амиқу дақиқи забонҳо ҳидоят месозад.

***Муяссара АМИРБЕКОВА,***
***омӯзгори забони англисии литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

ИҚДОМ

Дар Донишгоҳи давлати Хоруғ ба номи М. Назаршоев 3 озмоишгоҳ ва як маркази системаи геоиттилоотӣ фаъолият доранд, ки ба амалӣ намудани Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф мусоидат менамоянд.

Донишгоҳи мазкур дар тӯли 30 соли фаъолият ба заминаҳои хуби моддию

## Озмоишгоҳҳои замонавӣ бунёд мегарданд

техникӣ, махсусан, дар самти ихтисосҳои илмҳои табиӣ, аз ҷумла, геология, гидрогеология ва сохтмони иншооти гидротехникӣ, коркарди масолеҳи сангӣ ва монанди ин ноил гардидааст.

«Имрӯз дар донишгоҳ 3 озмоишгоҳ ва як маркази системаи геоиттилоотӣ фаъолият мекунанд. Озмоишгоҳҳои мазкур бо беҳтарин таҷҳизоти муосири соҳа ҷиҳозонида шудаанд. Аз ҷумла, дар озмоишгоҳи «Суфтакунӣ ва коркарди санг» дастгоҳҳои сангбурӣ ва суфтакунии Ширкати бонуфузи Struers-и давлати Дания насб гардидаанд»,-зикр кард ӯ.

Дар озмоишгоҳи мазкур дарсҳои амалии донишҷӯён оид ба омӯзиш ва коркарди сангҳои ороишӣ гузаронида шуда истодаанд ва масолеҳи коркардашуда барои ороиши утоқҳои донишгоҳ истифода мешавад. Ҳамзамон, Амид Комилбек иброз намуд, ки устодони ин озмоишгоҳ дар хориҷи кишвар тӯли ду моҳ барои такмили ихтисос ва аз худ кардани кор бо ин намуди дастгоҳ ва коркарди масолеҳи сангӣ сафарбар шуда, айни замон ба донишҷӯён дониши андӯхтаи худро меомӯзанд.

Китоби устоди ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Абдурашид Самадов таҳти унвони «Шоҳнома» дар Русия» нашр шуд.

НИГАРОНӢ

# Вазъи пардохти маблағи китобҳои дарсӣ

***Бо мақсади аз наздик шинос шудан аз вазъи фаъолияти китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ мо аз китобхонаҳои муассисаҳои таълимии ноҳияи Муъминобод дидан намудем. Дар муассисаҳои таълимии ин ноҳия дар масъалаи таъмин бо китобҳои дарсӣ мушкилоти зиёде вуҷуд дорад.***

Мушовири бахши китобҳои дарсии иҷоравии шуъбаи маорифи ноҳия Ҳамрохон Давлатов иброз дошт, ки соли таҳсили 2021-2022 шуъбаи мазкур 35 номгӯи китобҳои дарсии навро ба миқдори 30 016 нусха, ки маблағи он 697 ҳазор сомониро ташкил мекунад, дастраси китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ гардонидааст. Ҳамчунин, дар соли таҳсили 2022-2023 ба шуъбаи маорифи ноҳия 38221 нусха китобҳои дарсӣ ба маблағи 737 ҳазор сомонӣ ва китобҳои бадеӣ 1000 нусха бо маблағи 5 280 сомонӣ ворид гардида, пурра ба муассисаҳои таълимӣ дастрас гардидаанд. Бояд тазакур дод, ки маблағи умумии иҷоравии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия як миллиону 62 ҳазору 140 сомониро ташкил медод. То имрӯз 430 ҳазор сомонӣ ба суратҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Барои кам кардани қарзи иҷоравии китобҳои дарсӣ, ки аз солҳои қаблӣ мондааст (325 ҳазор сомонӣ), гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони шуъбаи маорифи ноҳия 28 ҳазору 199 сомониро аз ин маблағро ҷамъоварӣ намуданд. Қарзи китобҳои дарсӣ аз ҳисоби истифода набурдани китобҳое, ки дар хазинаи китобхонаҳо нигоҳдорӣ карда мешаванд, зиёд мегардад. Бояд қайд намуд, ки норасоии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳраки Муъминобод ва деҳоти он то имрӯз ба 5 ҳазор нусха мерасад. Ба ин хотир дар аксарияти муассисаҳои таълимии ноҳия комиссияи тақсимот ва қабули китобҳои дарсӣ созмон дода шудааст. Ҳамроҳи мушовири шуъбаи маорифи ноҳия Ҳамрохон Давлатов бо вазъи тақсимоти китобҳои дарсӣ ва бадеии китобхонаҳои муассисаҳои таълимии №№ 8,38 ва 39 шинос шудем. Аз ҳолати китобҳои дарсӣ ва фаъолияти китобдори муассисаҳои таълимии №8 (директораш О. Ҷобирова), ки яке аз калонтарин муассисаи таълимии Ҷамоати деҳоти Балховӣ мебошад, дидан намудем. Дар муассиса 50 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи 540 нафар хонанда машғул мебошанд. Китобдори муассиса С. Раҳимова моро бо вазъи китобҳои дарсӣ ва бадеӣ шинос намуд. Дар ҳақиқат, бинои китобхона калону барҳаво буда, китобҳо бо тартиби синфҳо дар рафҳои китобмонӣ ҷо ба ҷо гузошта шудаанд. Муассиса толори китобхонии барҳавои замонавии муҷаҳҳаз бо компютер дорад. Бояд қайд намуд, ки омӯзгори мактаб, шодравон Тағайбобо Ҷӯрақулов дар назди муассисаи таълимии №52 китобхонаи замонавӣ сохта ба истифода дода буд, ки хонандагон аз он китобҳои дӯстдоштаи худро дастрас карда метавонанд. Аз соли 2020 то имрӯз фонди умумии китобҳои дарсӣ ва бадеӣ 60 ҳазор ададро ташкил мекунад, ки аз ин шумора 210 адади китобҳои бадеӣ мебошанд. Дар соли хониши 2021-2022 маблағи умумии иҷораи китобҳои дарсӣ 19 ҳазору 300 сомонӣ пурра пардохт гардидааст. Аз ҳисоби маблағҳои муассиса 110 нусха китоби нави бадеӣ харидорӣ шудааст. Дар соли таҳсили 2022-2023 маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ ба 27 ҳазору 129 сомонӣ мебошад, ки то имрӯз 12 ҳазору 700 сомонӣ пардохт карда шудааст. Мушкилоти нарасидани аъзои фаъоли китобхона Роҳилаи Раҳматзода, Малика Бобоева ва Сумая Камолзода дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар даври ноҳиявӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Тибқи нақшаи кории мактаб, мудири китобхона дар рӯзҳои таърихӣ ва таътили тобистонаи хонандагон озмуну чорабиниҳои мактабиро гузаронидааст. Норасоии китобҳои дарсӣ дар синфхои 5-6 аз фанҳои адабиёт 12, забони тоҷикӣ 10, математика 10, дар синфҳои 8 адабиёт 8, таърихи умумӣ 15, дар синфҳои 9 адабиёт 6 ададро ташкил мекунад.

Ҳолат ва нигоҳдории китобҳои дарсӣ ва бадеӣ дар китобхонаи муассисаи таълимии асосии № 38(директораш Сулаймон Тӯраев ) дар сатҳи хуб қарор дорад. Дар муассиса 11 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи 74 нафар хонанда машғул ҳастанд. Фонди умумии китобҳои дарсӣ ва бадеӣ аз соли 2018 то имрӯз ба 1005 адад мерасад. Маблағи умумии иҷоравии китобҳои дарсӣ дар соли 2022 5610 сомониро ташкил медод, ки пурра пардохт гардидааст. Китобдори мактаб Қодир Талбов тамоми шароитҳои заруриро барои хонандагон муҳайё намудааст. Аъзои фаъоли китобхона, хонандагони мактаб Ҳусайн Раҳимов, Сабринаи Назирмадзод, Иброҳим Раҳимов ва Фотима Раҳмонова дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯи номинатсияи адабиёти бачагона дар даври ноҳиявӣ иштирок намуда, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардидаанд. Дар соли 2022 аз ҳисоби маблағи даромади мактаб 100 нусха китоби бачагона харидорӣ шудааст. Норасоии китобҳои дарсӣ дар синфҳои 5-6 аз фанҳои адабиёти тоҷик 5, забони тоҷикӣ 4, таърихи халқи тоҷик 3 ва математика 2 адад ва дар синфи 8-9 китоби алгебра 18 адад намерасанд.

Фаъолияти китобхонаи муассисаи таълимии №39-и Ҷамоати деҳоти Балховӣ (директораш Ҷӯрахон Холов) яке аз калонтарин муассиса дар ҳудуди Ҷамоати деҳот буда, назаррас мебошад. Фонди умумии китобҳои дарсӣ ва бадеӣ 9000 нусхаро ташкил мекунад, ки аз ин шумора 400 ададаш китобҳои бадеӣ мебошад. Дар соли таҳсили 2021 – 2022 маблағи иҷоравии китобҳои дарсӣ 26 ҳазор сомониро ташкил мекард, ки пурра пардохт карда шудааст. Дар соли таҳсили 2022-2023 маблағи иҷорвии китобҳои дарсӣ 30 ҳазор сомониро ташкил мекунад, ки то имрӯз 14 ҳазор сомониро пардохт намудаанд. Норасоии китобҳои дарсӣ дар синфхои 5-6 аз адабиёт 25, забони тоҷикӣ 35, математика 40, дар синфҳои 7-8 забони тоҷикӣ 40, таърих 60, забони русӣ 50, таърихи халқи тоҷик 14, дар синфҳои 9 адабиёт 15 ва забони русӣ 20 ададро ташкил мекунад. Дар соли 2022 ягон адад китоб нави бадеӣ харидорӣ нашудааст, - гуфт мудири китобхона Баҳодури Табар ва афзуд, ки имрӯз сафи аъзои китобхона ба 600 нафар расидааст, хонандагони мактаб Мафтунаи Сафархон ва Хуҷастаи Алӣ дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», дар номинатсияи адабиёти классикӣ дар ноҳия баромад карда, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

МЕТОДИКА

# Ташаккули лаёқати гуфтор

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо бо кӯдакони имконияташон маҳдуд омӯзгор бояд ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд. Маълум аст, ки нутқи хонандагони мазкур суст ташаккул ёфта, имкон намедиҳад, ки онҳо ба зудӣ ва табъи дил фикрашонро баён созанд. Аз ин рӯ, дар дарсҳои хониш (забони модарӣ) баҳри сайқал ёфтану мукаммал гардидани нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд аз усулу шеваҳои гуногуни таълимӣ, ки дидактикаи муосир пешниҳод кардааст, истифода бояд кард. Дар байни хонандагони имконияташон маҳдуд аз рӯйи дараҷаи ташаккулу рушди қобилиятҳои гуфтор нафаронеро фарқ бояд кард, ки дар онҳо дар натиҷаи фаъолияти инфиродӣ ва назорату роҳнамоии омӯзгор пешрафтҳои зеҳнӣ ба мушоҳида мерасад. Ба гурӯҳи дуюм хонандагоне шомиланд, ки дараҷаи рушди ақлонию фаҳмиш ва даркашон миёна мебошад. Онҳо ба саволҳо зуд ҷавоб дода, моҳияти супоришҳоро ҳамаҷониба дарку ҳазм карда, посуххои дақиқро пешниҳод карда наметавонанд. Ба гурӯҳи сеюм хонандагоне дохил мешаванд, ки фаъолияти шунавоӣ, дарк, нутқи шифоҳию хаттияшон ниҳоят суст буда, дар сатҳи паст қарор дорад. Озмоишҳои равонӣ, ки аз ҷониби олимон бо хонандагони синфҳои ибтидоии дорои нуқсони вазнини нутқбуда гузаронида шудааст, шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар раванди таълими ин гурӯҳи хонандагон корҳои муассир, ки ба ислоҳи нутқи онҳо мусоидат кунад, ба таври фарогир ва мукаммал анҷом дода нашудааст. Умуман, тадқиқот дар соҳаи логопедия ба таври зарурӣ сурат нагирифтааст. Мусаллам аст, ки дараҷаи рушди маърифатии хонандагони имконияташон маҳдуд аз инкишофи умумии узвҳои бадан ва мушакҳои он вобаста аст. Воқеан, такомули нутқ ба дараҷаи неруи шунавоӣ алоқаманд буда, аз худ намудани маводи дарсӣ ба фаъолияти зеҳнии хонандагон иртиботи зич дорад. Фаъолияти зеҳнӣ, ягонагии тафаккур, эҳсос ва қобилияти амалӣ нишондиҳандаи савод ва донишазхудкунии хонанда ба ҳисоб меравад. Аслан фаъолияти зеҳнӣ аст, ки ба қаноатмандии шавқу завқ ва манфиатмандии зеҳнӣ нигаронида шудааст, он соҳаи таркибии ангезавӣ (мотиватсион)-ии муҳассил (хонандаи синфҳои ибтидоии нуқсони вазнии нутқдошта)-ро ташкил мекунад. Проблемаи муҳимияти фаъолияти зеҳнӣ ҳамвора дар меҳвари диққату пажуҳиши муҳаққиқон-мактабшиносон қарор дорад. Ҳанӯз Суқрот шунавандагони худро таълим медод, ки мантиқан фикр кунанд, ҳақиқатро ҷустуҷӯ намоянд, мулоҳизакор бошанд. Хулоса, таҳия ва коркарди низоми воситаҳои фаъолгардонии таълим бояд ба иҷрои шартҳои муташаккил равона шуда бошад.



***Алоҳида БОЛТАЕВА,***
***омӯзгори мактаб-интернати №2,***
***ноҳияи Фирдавсӣ***

ҲАМОИШ

# Ба хотири ҳамкориҳои судманд

Дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати илм ва мактабҳои олии Федератсияи Россия оид ба инкишофи ҳамкориҳои илмӣ – амалӣ дар доираи тадқиқоти Маркази Авруосиёии «Россия-Тоҷикистон», ки имсол аз ташкилшавии он бист сол сипарӣ мешавад, ҳамоиш баргузор гардид. Ректори донишгоҳ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ оид ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия сухан ронда, хотирнишон сохт, ки робитаи илмӣ – амалӣ миёни донишкадаву донишгоҳҳои як қатор шаҳру вилоятҳои Россия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи нек медиҳанд. Ташрифи устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкили дарсҳои намунавӣ, интиқоли донишҷӯёни донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба Федератсияи Россия барои табодули таҷриба муфид арзёбӣ гардид. Ин андешаро котиби якуми сафорати Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, намояндаи Вазорати илм ва мактабҳои олии Федератсияи Россия Игор Евгеневич Бурулко низ тасдиқ намуда, афзуд, ки ин гуна равобит ва ҳамкориҳо миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарду кишвар дар оянда низ дар заминаи батасвибрасии шартномаҳои ҳамкорӣ миёни роҳбарони ҳарду давлат таҳким хоҳанд ёфт.

Декани факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии гуманитарии Россия, доктори илми таърих, профессор Кожокин Евгений Михайлович низ аз таҷрибаи бисёрсолаи Маркази номбурда ва фаъолияти густардаи ҷониби Тоҷикистон оид ба таҳсили босифат, иштироки фаъоли устодону донишҷӯёни тоҷик дар ҳамоишҳои байналхалқӣ изҳори назар намуд.

Сипас, иштирокдорони нишаст - устодони як қатор муассисаҳои олии ҳарду кишвар, ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи маориф, ҳамчунин, тарзи гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, истифодаи техника ва технологияи муосир дар дарс ва монанди ин маърӯза хонда, байни ҳамдигар табодули таҷриба намуданд. Дар ҷараёни ҳамоиш якчанд маърӯза аз тарафи устодони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия тариқи онлайн низ шунида шуд.

Ба иштирокдорони ҳамоиш бештар маърӯзаи мудири шуъбаи таърихии умумии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илми таърих Зарина Раҳматова писанд омад. Мавсуф дар мавзуи «Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар ҳофизаи таърихии халқи тоҷик» андешаронӣ карда, аз саҳми тоҷикписарони тоҷик дар ин набарди шадид ёдовар гардид. Мавсуф қайд кард, ки дар ин муҳориба дар қатори дигар халқияту миллатҳо тоҷикписарон низ корнамоиҳои бемисл нишон дода, 54 нафари онҳо соҳиби унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гардиданд.

Ҳамоиш ду рӯз идома ёфта, ба андешароиҳо пиромуни масъалаҳои марбут ба мактабу маориф, ҳамкориҳоиояндаи илмиву эҷодӣ, омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар ва ғайра мусоидат намуд.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

Ба Осорхонаи Қасри Арбоб ва Осорхонаи таърихии вилояти Суғд китобҳои тозанашр ва аксу нигораҳо дастрас гардиданд.

МУШКИЛОТ

# Марказҳои инкишофи кӯдакон чӣ ҳол доранд?

***Бо дастури Вазорати маориф ва илм то имрӯз дар кишвар 1810 адад маркази инкишофи кӯдакон дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчун муассисаи ғайридавлатӣ таъсис дода шудаанд. Саҳми вилояти Хатлон дар ин иқдом аз ҳама бештар (850 адад) мебошад. Дар вилояти Суғд 386, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 277, дар ВМКБ 284 ва дар шаҳри Душанбе 17 адад марказҳои инкишофи кӯдакон таъсис ёфтаанд.***

Фаъолияти ин марказҳо бояд аз ҳисоби муассис (муассисон), инчунин, сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, маблағгузорӣ шаванд. Таълим дар он ба зинаи аввали таҳсилот рост меояд. Вобаста ба таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат ба фаъолияти муътадили марказҳои инкишофи кӯдакон аз ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба шумор меравад. Таълиму тарбияи кӯдакон дар ин марказҳо бояд тибқи «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи тарбиявӣ-таълимии Маркази инкишофи кӯдакон» ба роҳ монда шавад. Таъминоти методии раванди таълиму тарбияи томактабӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва сохторҳои он амалӣ карда мешавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари марказҳои инкишофи кӯдакон, бахусус, дар шаҳру ноҳияҳо ба таври қаноатбахш фаъолият намекунанд. Ба андешаи мураббӣ-омӯзгорон, сабаби асосӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори маҳаллӣ ва соҳибкорон маблағгузорӣ нашудани марказҳо мебошад. Он маблағе, ки падарону модарон барои фарзандонашон пардохт менамоянд, талаботи марказро қонеъ кунонда наметавонад. Барои исботи ин муддао мо ба фаъолияти якчанд маркази инкишофи кӯдакон дар шаҳрҳои Турсунзодаю Ваҳдат ва ноҳияи Шаҳринав шинос шудем.

Маркази инкишофи кӯдакон дар МТМУ №45-и шаҳри Ваҳдат чор сол боз фаъолият мекунад. Мо дар як машғулияти ин марказ иштирок кардем. Машғулияти расмкаширо тахмин бо 20 кӯдаки 5-6-сола дар синфхонаи тозаю барҳаво мураббӣ-омӯзгори ҷавон Насиба Раҳимова мегузаронд. Н. Раҳимова аслан омӯзгори таърих мебошад ва соли аввал аст, ки бо кӯдакони синни томактабӣ машғулият мегузаронад. Маълум шуд, ки ӯро ба сабаби нарасидани мутахассис ба кори марказ ҷалб намудаанд. Мушкилоти дигар, то ҳол дар марказ мавҷуд набудани «Нақшаи тақвимии мавзуӣ барои таълими омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-6-сола дар соли хониш» мебошад. Инчунин, марказ бояд «Реҷаи намунавии рӯз барои кӯдакони синни томактабиро дар давраи таҳсил» ва «Номгӯйи мавзуъҳои омӯхташаванда»-ро барои ҳар семоҳа дошта бошад.

-Мураббӣ-омӯзгори пешин як соли хониш дар марказ фаъолият кард, - гуфт директори мактаб Ҳасан Бобоев. – Баъд фаъолияташро бо хоҳиши худ қатъ кард. Волидайни бачаҳое, ки ба марказ ҷалб шудаанд, ҳар моҳ 30 сомонӣ маблағ месупоранд. Аз ин маблағ ба омӯзгор-мураббия моҳонаи ночизе мерасад. Аз ин рӯ, ҳар сол мураббӣ-омӯзгор иваз мешавад. Падарону модарон дар он сурат фарзандонашонро ба марказ меоранд, ки агар сатҳи дониши онҳо беҳтар шавад, ба омодашавияшон ба мактаб мусоидат намояд. Аз ин рӯ, иштироки кӯдакон дар машғулияҳо ва сифати таълим низ нигаронкунанда мебошад…

Маркази инкишофи кӯдакон дар МТМУ № 37-и шаҳри Турсунзода соли 2020 таъсис дода шудаст. Машғулиятҳои марказро ҳар рӯз омӯзгорон-мураббияҳои ҷавон Меҳринисо Ашӯрова ва Маҳина Аҳмадова, ки ҳар кадом собиқаи педагогии панҷсола доранд, мегузаронанд. Дар мактаб барои Маркази инкишофи кӯдакон як бинои якҳуҷрагӣ ҷудо карда шудааст, ки дар он кӯдакони синни томактабии деҳоти Маданият-1 ва Маданият-2-и Ҷамоати деҳоти Даҳбед ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

-Шавқи кӯдакон ба донишомӯзӣ хеле зиёд аст, -мегӯяд Меҳринисо. – Нақшаи машғулиятҳоро худамон тартиб дода, онро қариб ҳар рӯз бо забонҳои русӣ ва давлатӣ мегузаронем. Ба кӯдакон машғулиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, суробсозию



гулмонӣ, машғулият-бозиҳои дидактикӣ ва серҳаракати варзишӣ мегузаронем. Дар ҳамаи ин корҳо волидайн бо мо ҳамкории зич доранд, фарзандонашонро бо маводи таълимӣ ва асбобу анҷоми хониш таъмин мекунанд. Агар ба мо шуъбаи маорифи шаҳр «Барномаи тарбиявӣ-таълимии Маркази инкишофи кӯдакон»-ро дастрас намояд, фаъолиятамонро аз ин ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мемонем.

Маркази инкишофи кӯдакони назди МТМУ№13-и Шаҳринав се сол боз фаъолият дорад ва 20 нафар кӯдакони 5-6-соларо ба таълим фаро гирифтааст. Омӯзгор-мураббияи соҳибтаҷриба Гулбаҳор Саидова ба кӯдакон тибқи нақша машғулиятҳои расмкашӣ, меҳнати дастӣ (суробсозӣ, гулмонӣ), мусиқӣ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ (афсонаҳо) ва дигарҳоро мегузаронад. Хурдтаракон афсонаҳои «Бузаки ҷингилапо», «Шалғам» ва «Кулчача»-ро хуб медонанд, зарбулмасалу чистонҳо ва шеърҳо аз ёд карданд. Тарбиятгирандагон Акбарҷон Азимов, Асила Шарифова, Нурбону Ҷабборова, Алиҷон Азимов ва дигарон дар машғулият бо шавқи зиёд иштирок намуда, дониш ва ҷаҳонбиниашонро васеъ ва захираи луғавиашонро ғанӣ гардонда, ба мактаб омода шудаанд.

Муовинони директори мактаб оид ба таълим Рухшона Ҳамроева ва оид ба тарбия Бахтинисо Ашӯрова аз фаъолияти Маркази инкишофи кӯдакон дар назди муассиса изҳори қаноатмандӣ карданд.

Марказҳои инкишофи кӯдакон дар пойтахти ҷумҳуриамон чӣ тавр фаъолият мекунанд? Бинобар иттилои сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Баҳром Исмоилзода, айни замон дар пойтахт 17 маркази инкишофи кӯдакон таъсис дода шудааст.

-Мо, - мегӯяд Б.Исмоилзода, фаъолияти марказҳои инкишофи кӯдакон ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрро баррасӣ карда, теъдоди онҳоро афзун хоҳем кард. Вале, ба фикрам, «марказҳои инкишофи кӯдакон» нею «гурӯҳҳои фаъолияташ бардавом» таъсис додан ба манфиати таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Зеро марказҳо набояд дар бинои муассисаҳо, балки дар бинои алоҳида ҷой дода шуда, мураббӣ-омӯзгорҳои худро дошта бошанд, ки бо маош таъмин гарданд. Марказҳои ҳозира танҳо ба умеди маблағҳои волидайн ба таври шояду бояд фаъолият намекунанд. Чун дар мактаб дар марказҳо ҳам норасоии мураббию омӯзгорон ба мушоҳида мерасад. Моҳонаи мураббиёну омӯзгорон аз шумораи кӯдакони дар он тарбиятёбанда вобастагӣ дорад. Чӣ қадаре ки сафи кӯдакони марказ афзояд, моҳона низ бештар мешавад. Аммо алҳол чунин нест ва мураббӣ-омӯзгорон фаъолият дар марказҳоро зуд-зуд қатъ мекунанд. Маъмурияти мактабҳо ночор ба ин кор омӯзгорони ҷавонро ҷалб менамоянд, ки аксар пас аз хатми донишгоҳ ба кор шуруъ намудаанд. На ҳар яки онҳо фаъолияти худро дар марказро бо моҳонаи ночиз ба роҳ мемонанд. То дастгирии молиявии ҳокимияти маҳаллӣ набошад, омӯзгорон аз таҳти дил дар марказ фаъолият намекунанд.

Мушоҳида мешавад, ки дар аксар гурӯҳҳои таълимии Маркази инкишофи кӯдакон 35-40-нафарӣ кӯдак фаро гирифта шудаанд, ки ин ба сифати таълиму тарбияи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар баъзе гурӯҳҳо кӯдакон дар як кат дунафарӣ ҳам хобонда мешаванд. Дар пардохти маблағҳои ҳармоҳаи муассиса, ки имрӯзҳо барои ҳар як кӯдак беш аз 130 сомонӣ мебошад, мушкилиҳо пеш омадааст. Марказҳои инкишофи кӯдакон аслан барои волидайни камбизоат дастрас мебошад. Кӯдакон дар ин марказҳо тамоми рӯз не, балки вобаста ба синну сол дар соатҳои муайян ба машғулиятҳо фаро гирифта мешаванд. Дар тӯли қариб даҳ соле, ки «Барномаи тарбиявӣ-таълимии Маркази инкишофи кӯдакон» дар соҳаи маорифи кишвар роҳандозӣ гардидааст, иқдоми муфид будани худро исбот кардаст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фаъолияти марказҳои мазкурро дуруст ба роҳ монда, роҳҳои бештар маблағгузорӣ беҳтар кардани шароити фаъолияти ин марказҳоро пайдо намоем.

***Эмом НАЗАРОВ,***
***мутахассиси Маркази ҷумҳуриявию методӣ ва таълимӣ***

СЕМИНАР

# Машварати ҳуқуқӣ - тақозои замон

Дар доираи амалӣ гардидани «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2030» ва банди 25-и нақша-чорабиниҳо оид ба амалигардонии «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026» аз ҷониби мақомоти иҷроия дар ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои муовинони аввали директор оид ба таълим ва омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсон аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, инчунин, мутахассисони шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе семинари омӯзишӣ оид ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон гузаронида шуд.

Суҳайли Қодирӣ, намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Раванди



татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026» маърӯза намуда, аз навгониҳо (тағйироту иловаҳо) дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон ба шунавандагони семинар маълумот дод.

Заррина Норова – мудири кафедраи муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Риоя ва таъмини принсипҳои роҳбарикунандаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф» суханронӣ намуд.

Зимни баргузории семинар омӯзгори фанни ҳуқуқи инсони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45 ноҳияи Фирдавсӣ Ҷамила Юлдашева дар мавзуи «Моҳияти ҳуқуқи инсон» ҳарф зад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе иқдом гирифтааст, ки дар доираи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2030» ва «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026» минбаъд низ чунин семинарҳои омӯзиширо бо толибилмон ва хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, ки дар баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии табақаҳои гуногуни ҷомеа мусоидат менамоянд, ба роҳ монад.

***Саидумар МАҶИДЗОДА,***
***мудири бахши ҳуқуқи дастгоҳи раиси ноҳияи Фирдавсӣ***

**Дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон» конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.**

*Ҳар чи дорӣ, бидеҳу давлати маънӣ бисitон,*
*То чу ин неъмати зоҳир биравад, он монад.*
*Саъдии Шерозӣ*

«Омӯзгор»
№ 48, 1 декабри
соли 2022

ФАЪОЛИЯТ

# Боргоҳи мутахассисони зебоиофар



***Борҳо шудааст, ки асарҳои санъати тасвириро дар намоишгоҳҳо, осорхонаву марказҳои фарҳангӣ, китобхонаву қироатхона, театру тарабхона, чойхона ва муассисаҳои таълимӣ дида, ба онҳо мафтун гардидаву ба офарандагониашон аҳсан гуфтаем.***

Аксар муаллифони ингуна зебоӣ ва осори санъати миллӣ хатмкардагони муассисаҳои фарҳангӣ маҳсуб мeёбанд. Яке аз чунин муассисаҳо коллеҷи рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов аст. Ҳангоми суҳбат бо директори коллеҷ, номзади илми меъморӣ Сироҷиддин Ҷӯрахонзода бо паҳлуҳои гуногуни фаъолияти коллеҷ аз наздик ошно гардидем.

- Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси комбинати бадеӣ кушода шуда, дар он анъана ва расму русуми миллӣ ҳифз гардида, ҳамчун даргоҳи муқаддаси санъат роҳу усулҳои нави таълимиро ба роҳ монда, дар ташаккули шахсиятҳои соҳибтаҷриба саҳми босазо гузоштааст, - гуфт директори коллеҷ. – Ихтисосҳои коллеҷи мо зинданигорӣ, ҳайкалтарошӣ, кандакории бадеӣ дар чӯб, наққошӣ, кулолгарӣ, тарроҳии либосҳо, ҳунарҳои заргарӣ ва ғайра мебошанд. Коллеҷ (собиқ омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомӣ) соли 1936 таъсис ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун маркази бузурги тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси санъати тасвирӣ ва наққошӣ дар ҷумҳурӣ ном баровардааст. Бо қарори КМ ПК Тоҷикистон 18 июли соли 1975 хизматҳои шоистаи Рассоми халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзораҳмат Олимовро дар инкишофи санъати тасвирӣ, тарбия ва тайёр намудани мутахассисони ҷавон ба назар гирифта, ба омӯзишгоҳ номи ин рассоми чирадаст дода шуд. Минбаъд, аз 3 июли соли 2003 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов ва 28 декабри соли 2006 он ба Муасиссаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов» табдили ном кард.

**Аз хуб ба хубтар шитобӣ**

Бояд ёдовар гардид, ки дар солҳои аввали ташкили омӯзишгоҳи рассомӣ ба хонандагон дарсҳои мусиқӣ, маҳорати актёрӣ, хореография омӯхта мешуданд. Дар омӯзишгоҳ минбаъд шуъбаи санъати тасвирӣ, расмкашӣ, наққошӣ ва композитсияро меомӯхтагӣ шуданд, ки ба ин шуъба рассоми шинохта М. Хушмуҳаммадов роҳбарӣ мекард. Ҳамчунин, дар он шуъбаҳои рассомӣ – педагогӣ, театрӣ кушода шуда буданд. Омӯзишгоҳ барои мактабҳои маълумоти умумии ҷумҳурӣ омӯзгорони расмкашӣ ва нақшакашӣ низ тайёр менамуд. Хонандагони омӯзишгоҳ асосан писарон буданд. Дар ташаккули ҳайат ва ба тартиб даровардани низоми таълими педагогӣ дар омӯзишгоҳ саҳми нахустин директори он А. Абдулхайров ва як қатор омӯзгорон – рассомон калон аст.

**Заҳмати муттасил самара медиҳад**

Имрӯзҳо дар коллеҷ хатмкардагони собиқи он – рассомоне, ки ҳаёту ҳастии худро ба пешаи омӯзгорӣ ва ҳунар пайвастаанд, кору фаъолият менамоянд. Инҳо устодони шинохтаи санъати амалӣ, дизайнерҳо, санъатшиносон буда, анъанаҳои беҳтарини фарҳангӣ, рассомӣ ва ҳунари миллиро пеш бурда истодаанд. Сафи омӯзгорони коллеҷ сол то сол аз ҳисоби ҷавонони боистеъдоду ҳунарманд, ба мисли Б. Одиназода, Ф. Расулов, У. Бозоров, М. Шарифов, Н. Ҳамидова, Б. Исматов, И. Мамадҷонов, З. Валиев, Д. Миҳтоҷов, М. Бобоев, У. Мардихудоева, З. Холова, Х. Ҳусейнов ва дигарон меафзоянд, ки онҳо дар намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чун Фестивали байналмилалӣ дар «Шарҷа - 2019», Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар шаҳрҳои Москва, Минск, Белорус, Пекин, Бишкек, Ашқобод, намоиши шахсӣ дар меҳмонхонаи «Серена» - и шаҳри Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар намояндагии Ҷумҳурии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра иштироки фаъолона намудаанд.

Шогирдони коллеҷ дар озмунҳои гуногун иштирок карда, бо ба намоиш гузоштани дастовардҳои худ обрӯву нуфузи муассисаро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар боло мебардоранд. Мисоли ин корҳои эҷодии чордаҳ нафар донишҷӯ мебошад, ки барои иштирок дар озмуни байналмилалии «Миср дар дидаи кӯдакони дунё» ба Ҷумҳурии Мисри Араб фиристода шудаанд. Донишҷӯёни коллеҷ, дар чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ ва озмунҳои шаҳриву ҷумҳуриявӣ низ иштироки фаъолона доранд. Намунаи ин гуна чорабиниҳо Фестивал – озмуни мусаввирони ҷавон «Манзараи



шаҳри ман» бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон таҳти унвони «Ҷавонон – пайрави Пешвои миллат», озмуни телевизионии «Ховар», «Замини мо – хонаи мо», «Рассомони наврас», «Бренди миллӣ», «Ҳафтранги Наврӯз», «Сарояндаи беҳтарин», «Рассоми беҳтарин» ва ғайра мебошад.

**Такмили ихтисос – асоси пешравӣ**

- Ҳоло дар коллеҷ 71 нафар омӯзгори фанҳои тахассусӣ ва умумӣ кору фаъолият доранд. Дар муассиса устодони унвони олидор панҷ нафаранд, ки се нафари онҳо ҳамкорони муассисаанд, - гуфт директори коллеҷ. - Чор нафар унвонҷӯ дар муддати наздик корҳои илмии хешро ҳимоя менамоянд. Ду нафар корманд дорои унвони баланди «Арбоби ҳунари Тоҷикистон» мебошанд.

Дар коллеҷ ба сифати таҳсил ва таълими шогирдон низ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Омӯзгорон сари вақт - тибқи нақша аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд.

Бино ба нишондоди нақшаи таълимӣ, ҷамъбасти нимсолаи дуюми соли таҳсили 2021 – 2022 дар ҳамаи бахшҳо сессияи имтиҳони тобистона баргузор гардида, донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ сафарбар гардиданд. Дар натиҷа 171 нафар донишҷӯ дар се бахш сессияро бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷаи давлат таҳсил намудаанд, мувофиқи тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27. 05. 2017, №262 ба муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла, ду нафар ба Мактаби бачагонаи рассомии назди раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ду нафар ба худи коллеҷ, ёздаҳ нафар ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва асосӣ ба ҳайси омӯзгори санъати тасвирӣ, сездаҳ нафар ба муассисаҳои олии таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ, як нафар ба Донишгоҳи давлатии санъат ва технологияи дизайни шаҳри Санкт – Петербург, панҷ нафар (барои идомаи таҳсил) ба Донишгоҳи давлатии Гжелскийи Федератсияи Россия фиристода шуданд. Дар назди коллеҷ студияи бачагонаи рассомӣ (курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ) ба тариқи шартномавӣ ташкил гардида, дар давоми таҳсил курсҳои аз 3 то 6 – моҳа ташкил ёфтааст.

**Фаъолияти густурда сабаби сифати таълим мегардад**

Имрӯз дар коллеҷ 246 нафар таҳсил менамоянд. Маблағи шартнома вобаста ба ихтисос аз 800 то 1000 сомониро ташкил медиҳад. Донишҷӯён чор сол дар коллеҷ аз рӯйи 16 ихтисос таҳсил карда, таҳсилро дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ ва ДДСТДТ аз курси дуюм идома медиҳанд. Ҳамасола ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро панҷоҳ – шаст нафар хатм мекунанд. Соли 2020 аз маблағҳои эҳтиётии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 9, 5 миллион сомонӣ барои таъмири бинои ҳозира ҷудо гардид, ки ба беҳ гардидани шароит ва сифати таълим сабаб гардид. Ҳамин ғамхорӣ буд, ки муассиса акнун дорои толорҳои маҷлисию варзишӣ ва нигористон (галерея) гардид.

**Шароити хуб манфиат меорад**

Чунонки директори коллеҷ иттилоъ дод, дар таълимгоҳ ҳамеша ба масъалаи такмили фонди китобхона аҳамият дода мешавад. Айни замон он дорои 14354 адад китоби дарсиву бадеӣ, сиёсӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Китобҳои таълимии вобаста ба соҳа 6711 ададро ташкил диҳад ҳам, мутаассифона, аксарашон бо забони русианд. Мудири китобхона дар ҳамкорӣ бо қисми таълим, бахши сифати таҳсилот ва омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик маҳфилҳои китобхонӣ, мизҳои мудаввар, озмуни хониши китобҳои бадеӣ ташкил намуда, донишҷӯёнро ба китобу китобхонӣ ҷалб намудааст.

**Тарбияи меҳнатӣ ҳам зарур**

Ба тарбияи меҳнатии донишҷӯён низ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Бо ин мақсад ҳар сари чанд вақт шогирдон ба қитъаи таълимии коллеҷ дар ноҳияи Варзоб, ки номи «Аржанг» - ро гирифтааст, рафта, қитъаро аз алафҳои бегона тоза намуда, дарахтонро сафед ва бехи онҳоро нарм мекунанд. Ҳамчунин, аз оғози соли нави таҳсили 2022 – 2023 ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда аз тарафи роҳбарияти муассиса ду адад компютер, ду адад тахтаи электронӣ, як адад мошинаи дарздӯзии дӯзандагӣ (аверлок), панҷоҳ адад сепоя (молберт) ва ашёи зарурии дигар харида шудааст.

Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов дар таърихи омӯзиши санъати тасвирии Тоҷикистон ягона боргоҳи беназир мебошад, ки мавқеи худро дар раванди таълими бадеӣ пайдо карда, ба қатори муассисаҳои беҳтарини таълимии кишвар шомил гардидааст.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

НИЗОМ

# Татбиқи муносибати босалоҳият

***19 ноябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ конференсияи илмӣ –методии ҷумҳуриявӣ доир ба мавзуи “Проблемаҳои татбиқи босалоҳият ба таълими фанҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаву олии касбӣ” бахшида ба амалигардонии Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) баргузор гардид.***

Конференсияро муовини ректори донишгоҳ, профессор Дониёр Сангинзод оғоз намуд. Баъд дар ҷаласаи умумӣ маърӯзаҳои доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мансур Нугманов дар мавзуи “Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим”, декани факултети физика дотсент Абдуқодир Назруллоев, мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи масолеҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, дотсент Дилафрӯз Қодирова, дотсент У. Умаров “Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика” ва баромади мушовири директори муассисаи давлатии таълимии литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Тӯрақул Ҷумъаев аз таҷрибаи “Татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей, гимназияҳои шаҳри Душанбе” шунида шуд.

Конференсия дар 7 бахш: методикаи таълими физика, физика, математика ва методикаи таълими он, химияю биология ва методикаи таълими онҳо, технология, технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими он педагогика ва психология кори худро идома дод.

Дар конференсияи илмӣ-методӣ аз беш аз даҳ мактаби олии ҷумҳурӣ маърӯзаҳо пешниҳод карда шуданд.

Аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳои шаҳри Душанбе миқдори маърузаҳои пешниҳодшуда дар конференсия нисбат ба солҳои пешин зиёдтар буданд.

Дар анҷоми конференсия иштирокчиёни он ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олию миёнаи касбии ҷумҳурӣ барои боз ҳам беҳтар намудани татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар мисоли фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ муроҷиатнома қабул намуданд.

***Тӯрақул ҶУМЪАЕВ,***
***собиқадори соҳаи маориф***

Дар беш аз 90 фоизи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон майдонҳо бо сутунпояи парчам мавҷуданд.

*Илм нур асту ҷаҳл торикӣ,*
*Илм роҳат барад ба борикӣ.*
*Рукниддини Авҳадӣ*



ШАРАФМАНДОН

*Лангар аз деҳи зебоманзар дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ буда, дар домони хеш фарзандони барӯмандеро парваридааст, ки пайваста дар рушди фарҳангу маориф саҳми арзанда мегузоранд. Зимни сафари корӣ дар деҳаи Лангар бо инсони равшанзамир Файзуллоҳи Холмуҳаммад шинос гардидем, ки солҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ кору фаъолияти пурсамар намуда, ба мақсади фурӯзон доштани чароғи илму маърифат ният дорад, дар ин деҳаи дурдасти кӯҳистон осорхона ва китобхонаи хусусии худро таъсис диҳад.*

# Афрӯзандаи чароғи маърифат



Ростӣ, аз ин иқдоми наҷиби устод, ки ҳамеша толибилмонро ба омӯзиш ва мутолиаи китоб роҳнамоӣ менамояд, хеле хушҳол гардидем.

“Ҳадафи асосии ман аз таъсиси осорхона ва китобхона, пеш аз ҳама, зинда нигоҳ доштани таъриху фарҳанги мардум ва бедор кардани завқи хониш ва мутолиаи китоб дар қалби насли наврас мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафи нек корҳои зиёдеро анҷом додем, бозёфтҳои таърихиро гирд оварда, беш аз се ҳазор китоби илмию бадеиро ҷамъ овардем ва ҳамакнун сохтмони китобхона бомаром идома дорад. Ба Кӯҳистони Мастчоҳ меҳмонони зиёд аз хориҷи кишвар меоянд ва ҳамин бозёфтҳо гувоҳе аз таъриху тамаддуни қадимаи диёри азизамон мебошад. Ба ин васила, ба таъриху фарҳанг ва зисту зиндагии мардум ошно гардида, бо худ армуғони нек аз диёри сарбафлоккашидаи Кӯҳистони Мастчоҳ хоҳанд бурд”, -мегӯяд Файзуллоҳи Холмуҳаммад.

Файзуллоҳи Холмуҳаммад дар деҳаи Лангари Ёзи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таваллуд шудааст. Пас аз муҳоҷирати масчоҳиён ба дашти Дилварзин маълумоти миёнаро дар Мастчоҳ гирифта, аввал омӯзишгоҳи роҳсозии шаҳри Душанбе ва баъдан Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣи Ленинобод (Хуҷанд)-ро бо ихтисоси омӯзгори фанни ҷуғрофиё ва табииёт сарбаландона хатм менамояд. Солҳои зиёде дар соҳаи маориф, шуруъ аз омӯзгор то мудири қисми таълим, мудири мактаб ва нозири шуъбаи маориф дар ҳар ду ноҳия фаъолияти пурсамар дошт. Ибтидои солҳои 2000-ум ба хизмати давлатӣ ҷалб гардида, то ба нафақа баромадан ба Агентии муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҳукумати ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ роҳбарӣ карда, дар рушди ин ноҳияи навтаъсис саҳми босазо гузоштааст.

Файзуллоҳи Холмуҳаммад ҳамчун як нафар ватанпарвари воқеӣ ва дӯстдори марзу буми кишвари азизамон ба бузургони илму адаб арҷ мегузорад ва солҳои фаъолият дар соҳаи маориф ба ҳайси роҳбари маҳфили сайёҳӣ-кишваршиносӣ шогирдонашро омода менамуд, ки борҳо дар мусобиқаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ба ғалаба ва муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Ҳамин фаъолияти пурсамараш буд, ки ҳамроҳи шогирдони худ бо ҷамъ овардани ёдгориҳои нодир, аз қабили намунаи маъданҳои гуногуни кӯҳистони тоҷик осорхонаи шахсии худро дар манзили зисташ таъсис додааст.

Файзуллоҳи Холмуҳаммад агарчанде омӯзгори фанни ҷуғрофия мебошад, аммо ба шеъру сухан ва аҳли адаб меҳру дилбастагии хоса дорад. Имрӯз аз китобхонаи ӯ шогирдон зиёд истифода мебаранд ва ба осору зиндагиномаи бузургмардони миллат ошно мегарданд. Маҳз ҳамин дилбастагӣ ба шеъру сухан буд, ки Файзуллоҳи Холмуҳаммад ба навиштани шеър машғул гардида, нахустин чакидаҳои хомааш ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта дар рӯзномаву маҷаллаҳои ноҳивӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расида, силсилаи шеърҳояш ба маҷмуи дастҷамъии адибони Кӯҳистони Масчоҳ – “Наҷвои Сардара” ворид шудааст.

Баъдан маҷмуаи нахустини Файзуллоҳи Холмуҳаммад бо номи “Лангари хаёл”, соли 2007 тариқи нашриёти “Адиб”, китоби дуюмаш бо номи “Шамими субҳ” дар нашриёти “Донишварон” ба нашр расиданд. Китоби сеюми адиби нуктасанҷ бо номи “Раҳоварди қалам” ба чоп расид, ки аз шеъру ғазал ва очерку мақолаҳои муаллиф фароҳам оварда шудааст. Ба китоби Файзуллоҳи Холмуҳаммад, номзади илмҳои филологӣ Олимҷон Салимзода пешгуфтор навиштааст.

Дар суҳбати марди равшанзамир сухан аз шеъри бузургон, аз калому андарз ва ҳикмату фалсафа меравад. Дилаш лабрези меҳру муҳаббат нисбат ба инсон, ба аҳли адаб ва қаламкашон мебошад. Метавон баҳрае бардошт аз ин суҳбату нишастҳо. Боғеро, ки бунёд кардааст, воқеан аз боғбони асил будани ӯ гувоҳӣ медиҳад.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

# Оинаи ибрат

Оре, маҳз устод ҳаст, ки мо соҳиби илм, дониш, маърифат ва обрӯ ҳастем.

Соли 1975 буд. Ёд дорам, вақте ки қадамҳои аввалини хешро ба синфи якум гузоштам, маро дар саҳни мактаб зани соҳибмаърифату кушодачеҳра, мунису ғамхор, пешвоз гирифтанд. Вай омӯзгори пешқадаму нововар, донову маҳфилоро, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Санавбар Азимова буд.



Аз рӯзҳои аввал ҳис намудам, ки муаллима ба мо, шогирдон, модарвор муносибат менамуданд, Муаллима чунон дарс мегуфтанд, ки аз гуфтору нигоҳашон кас ҳаловат мебурд. Муаллима нисбат ба шогирдон сахтгиру меҳрубон буданд.Он лаҳзаҳо дар дили кучаки ман орзуи омӯзгор шудан бедор гардид ва ниҳоят ин таманно соли 1985 ҷомаи амал пӯшид. Зеро дар ин сол ман ба номи пуршарафи донишҷӯ мушарраф гардидам. Чор сол дар Институти педагогии ба номи С.М.Кирови шаҳри Ленинобод (ҳозира ДДХ ба номи академик Б Ғафуров) таҳсил намудам. Баъди итмоми донишкадаи номбурда фаъолияти омӯзгориамро дар мактаби миёнаи №15, деҳаи Сӯфӣ-Ориф оғоз намудам. Ҳоло бошад, дар яке аз муассисаҳои номдори шаҳри Истаравшан, муассисаи таълимии давлатии гимназияи №1 ба номи академик Аҳрор Мухторов кор ва фаъолият намуда истодаам.

Санавбар Азимова дар ҳаёт роҳи дурустро дарёфта, бо дониши худ дар байни мардум, хусусан, зиёиён соҳиби обрӯю эътибори баланд гардид. Зеро муаллима соҳиби хиради воло, ҷаҳонбинии васеъ, қобилият ва маданияти баланд ва дар соҳаи омӯзгорӣ дастболову шуҳратёр буд. Он кас обрӯю эътибор ва мартабаю манзалати баландро аз муҳаббати бепоён ба касб, меҳнати самимона ва заҳмату машаққати шабонарӯзӣ ба даст оварданд. Чунин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буд, ки С.Азимова сазовори нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” гардид.

Санавбар Азимова собиқаи кории 53-сола дорад. Як сол мешавад, ки дар ҳалқаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронад. Дар давоми солҳо муаллима чандин шогирдро тарбия намудаанд, ки ҳоло онҳо дар соҳаҳои гуногун кор ва фаъолият мебаранд. Мавлуда Нуъмонова, Шафоат Шерматова, Тоҷинисо Ҳамдамова ва Латофат Ҷумъаева шогирдони муаллима буда, касби ӯро интихоб намуда, ҳоло дар МТМУ №15 ба номи Мирзо Акбаров омӯзгор шуда фаъолият намуда истодаанд.

Устоди азиз ва модари маънавии мо, шогирдон, ба синни 73 қадам гузоштанд. То ҳанӯз ин бонуи раҳнамо барои мо оинаи ибратанд ва рафтору аъмолашон дарси пурмуҳтавои зиндагист. Рушду пешравии ҷомеаро мисли устоди мо инсонҳои накукор ва роҳнамо замина мегузоранд. Чунки рисолати ин шахсиятҳои соҳибмаърифат тарбияи инсонҳои комил будааст, ки имрӯз дар соҳаҳои мухталифи кишвар бурдборона кору фаъолият доранд:

***Лутфия НЕЪМАТОВА,***
***омӯзгори МТД гимназияи №1,***
***шаҳри Истаравшан***

РИСОЛАТ

# Омӯзгорӣ эҷодкорист

Омӯзгор донишро тавассути малака ва усулҳои фаъоли таълими худ ба шогирдон дода метавонад. Дар замони имрӯза воситаҳои техникии таълим, аз ҷумла, компютер тавонистааст, ки ҳангоми таълим кори омӯзгорону шогирдонро осон гардонад. Вале компютер ҳазорҳо китобхонаро дар худ ғунҷонад ҳам, ҷойи китобро гирифта наметавонад. Бояд қайд кард, ки дастурҳои таълимии мукаммал, мавод барои корҳои лабораторӣ, воситаҳои дигари техникии таълим, воситаҳо барои трабияи ҷисмонӣ, тайёрии ибтидоии ҳарбӣ айни замон хеле кам ё ноқисанд. Дар ин ҳолат чӣ бояд кард?

Инҷониб бар он ақидаам, ки ҳар як омӯзгорро лозим меояд, барои рушду нумуи раванди таълиму тарбия бештар аз маҳорати касбии хеш истифода барад, онро пайваста такмил диҳад.

Омӯзгори пуртаҷриба, донишманд, санъати баланди касбидошта метавонад тавассути дарсҳои аълосифату баландмазмун ба шогирдон дониши мукаммл диҳад. Аммо дарси хуб додан кори осон нест. Вай ҳатто аз муаллимони собиқадору соҳибтаҷриба низ заҳмати зиёдеро талаб менамояд.

Ташкил ва гузаронидани дарси хуб санъати баландест. Барои дастрасӣ ба дарси шоиста омӯзгор бояд соҳиби малака, дониш, фаросат, одобу ахлоқ, санъату маҳорати баланд бошад. Барои омӯзгори хуб шудан танҳо донистани назария ва фанни таълимӣ кифоя нест, донистани роҳу усулҳои ба бачагон фаҳмондани ин ё он илм зарур аст. Банда ба ҳар як омӯзгори воқеӣ, пеш аз ҳама, доро будан ба сифатҳои зеринро зарур медонам: касби худ ва шогирдонро дӯст дорад, пайваста адабиёту дастурҳои методию илмӣ, маҷаллаю рӯзномаҳоро мутолиа намояд, аз шабакаи интернет, диску касетаҳо истифода бурда тавонад, методу усулҳои таълимро дар дарсҳо ба таври васеъ корбаст намояд. Дар баробари ин, ӯ бояд ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва муносибати дуруст ба кор дошта бошад, пайваста дар иттиҳодияҳои методӣ ширкат варзида, баромад намояд, маҳфилҳои фаннӣ ва дарсҳои иловагӣ ташкил бикунад, таҷрибаи омӯзгорони пешқадаму эҷодкорро омӯхта, дар семинару машварат ва шабнишинию конференсияҳо ширкат варзида, дарсҳои намунавӣ баргузор созад.

Албатта, барои омӯзгори воқеӣ шудан ин нишондодҳо ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд. Омӯзгор, бояд ҳамеша дар такопӯ ва дар ҷустуҷӯ бошад.

***Шарофат САЙДАМИНОВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии***
***МТМУ №109, шаҳри Ваҳдат***

БУНЁДКОРӢ

# Муассисаи таҳсилоти ибтидоии нав

Дар деҳаи навбунёди Даштаки водии Язғуломи ноҳияи Ванҷ муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ дари худро ба рӯи хонандагон боз кард. Дар маъракаи ба истифода додани таълимгоҳ раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ ва муовини аввали раис Мирзозода Низом Юсуфӣ ширкат намуда, суханронӣ карданд. Раиси вилоят толибилмону омӯзгорон ва падару модарони хонандагонро ба истиқболи Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили бошукӯҳи 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт ва ёдовар шуд, ки бо ташаббуси Сарвари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии водии Язғулом квотаи бештар ҷудо карда мешавад. Бояд гуфт, ки то ин вақт толибилмони зинаи аввали таҳсили деҳаи Даштак ҳар рӯз 7 километр (дар ҷамъ 14 км) роҳи пурхатарро пиёда тай намуда, ба мактаб ҳозир мешуданд.

***Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

**Дар Китобхонаи миллӣ дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои бахши китобҳои нодири китобхонаҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ» ҳамоиш доир шуд.**

Давлати илмро заволе нест.
Ҳикмат



МАСЪУЛИЯТ

## Тарбияи насли наврас – вазифаи ҷонии мо

Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд заминаҳои хеле мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон асос гузошт. Ҳазорон ҳамватанони мо берун аз марз овора шуданд. Кишвар аз мутахассисони мухталифи соҳаҳои иктисодию ичтимоӣ танқисӣ мекашид. Вазъи ҳамон давраи кишвар бечуну чаро бад буд, зиндагии мардуми тоҷик хело душвор гардид. Мардум ба ояндаи худ боварӣ надоштанд. Яке аз ҳадафҳои асосӣ ва меҳварии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бунёди давлати иҷтимоӣ ва зина ба зина боло бурдани сатҳу зиндагонии мардуми кишвар ташкил медиҳад. Дар ҳамбастагӣ ба ин масъала, мо шоҳиди ҳолем, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ғамхоронаи Ҳукумати кишварро таъмини шароити арзанда ва муносиби зиндагонии хуррам ва пурнишоти мардуми кишвар, дастгирии ҳамешагии маъюбону ятимон, бепарасторону бенавоён ва кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд. Мардуми сарбаланду заҳматкаши тоҷик дар асоси сиёсати бобарор ва дурбинонаи Пешвои миллат дар тамоми самтҳои зиндагӣ ба дастовардҳои беназиру арзишманд муваффақ гаштанд. Аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ва ба шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки Пешвои миллат мардуми тоҷик дар роҳи ба амал баровардани ҳадафҳои стратегии Ҳукумат – дастёбӣ ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодаанд.

Мо-омӯзгорон ба тарбияи насли наврас машғул буда, кӯшиш менамоем, ба насли наврас, мазмуну моҳияти Истиқлолиятро фаҳмонида, дар тинати онҳо меҳри Ватан, сулҳу субот ва хештаншиносиро парварем.

***Таҳмина НАМОЗОВА,***
***омӯзгори забони англисии МТМУ-и №8-и шаҳри Кӯлоб***

*Ташкилоти ҷамъиятиии «Меҳрбонӣ», воқеъ дар шаҳри Душанбе фаъолияти худро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.*

**Устодону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти бемаҳали директори мактаби мазкур Султон АҲМАДОВ андуҳгин буда, ба хешону пайвандони марҳум изҳори таслият менамоянд.**

1 ДЕКАБР – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ СПИД

## Илоҷи воқеа - пеш аз вуқуъ

***Ҳар давру замон барои инсоният аз худ чизе ба мерос мегузорад. Масалан, аз асри гузашта барои одамон дар радифи кашфи Кайҳону тараққиёти илм бемории ВНМО /СПИД/ мерос мондааст. Бемории, ки то имрӯз миллионҳо нафар одамонро ба дами марг андохтаасту ба ҷони миллионҳо нафари дигар хавфи он таҳдид дорад.***

Муҳаққиқони соҳа бар онанд, ки дар ҳар дақиқа дар ҷаҳон сад нафар мубталои ин беморӣ мешаванд.

Бояд гуфт, ки ВНМО (вируси норасоии масунияти одам) масунияти одамро, ки муҳофизаткунандаи организм аз ҳама гуна бемориҳо мебошад, суст менамояд. ВНМО ба ҳуҷайраҳои махсуси системаи масуният (СД4 - ҳуҷайраҳо) зарар мерасонад. Аз рӯйи паст шудани миқдори СД4 ҳуҷайраҳо дар бораи давраи беморӣ хулоса мебароранд. Одамони гирифтори ВНМО, инчунин, ВНМО – мусбӣ (ВНМО +) ё ин ки мубталои ВНМО меноманд. Агар сари вақт шахси сироятёфта аз ташхис нагузарад ва ба табобати зидди ин вирус фаро гирифта нашавад, шахс ба бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ ё ВНМО) гирифтор мешавад. БПНМ бемори пайдошудаи норасоии масуният аст. Дар ҳолати суст шудани системаи масуният, организми инсон қобилияти муқовимат ба ҳама гуна бемориҳо, махсусан, бемориҳои сироятқунанда (масалан, сил)-ро гум мекунад. Дар айни замон доруҳое, ки барои боздоштани афзоиши сирояти ВНМО дар бадан раво на карда шудаанд, мавҷуданд. Яъне одами ВНМО + метавонад, умри дароз бинад.

ВНМО бори нахуст соли 1981 дар ИМА ба қайд гирифта шудааст. Вируси он соли 1983 дар Фаронса кашф гардид.

Мутаассифона, сироятёфтагони ВНМО дар ҳамаи давлатҳои минтақаи Аврупои



Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон низ шомили он мебошад, ба қайд гирифта шудаанд.

Бояд донист, ки вирус аз шахси бемор ба шахси солим бо се роҳ мегузарад: тавассути алоқаи ҷинсӣ, бо роҳи хун ва ба хун ва аз модари сироятёфта ба кӯдак. Ҳолати эпидемиологии ВНМО дар ҷумҳурии мо ҳам аз ҷониби мутахассисони соҳа ва ҳам аз ҷониби мушовирони байналмилалӣ ҳамчун ҳолати «Эпидемияи ҷамъшаванда, яъне марҳилаи консентратсионӣ арзёбӣ гардида, паҳншавии он бештар дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба мушоҳида мерасад.

Хуб аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миллиро оид ба муқовимат бар зидди эпидемияи ВНМО ба тасвиб расондааст. Дар он тамоми самтҳо баҳри пешгирӣ ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим, роҳҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҳамкорӣ бо як қатор вазорату идораҳо, аз ҷумла, бо Вазорати маориф ва илм, Кумитаи давлатии ҷавонон ва варзиш, кумитаҳои дин ва радио ва телевизион пешбинӣ гардидааст. Бовар ҳаст, ки ҳамаи ин ба паст кардани шиддати муқовимат бар зидди ин бемории нохушоянди асри бистум мусоидат менамояд.

***Бибираҷаб ФАЙЗИЕВА,***
***омӯзгори биологияи мактаб – интернати мусиқии ба номи Миратулло Атоеви шаҳри Душанбе***

МАШҒУЛИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ

## Тақвиятбахши таълим

Дар муассисаҳои таълимии хонандагони имконияташон маҳдуд ба роҳ мондани корҳои берун азсинфӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбия, бо ҳадафҳои муайян манфиатбахш мебошад. корҳои беруназсинфӣ аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ фаъолиятҳоеро тақозо мекунад, ки ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқи худ ва ҳамчунин, рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад. Таври мисол, фаъолияти маърифатбахшӣ ҳангоми баргузории корҳои беруназсинфӣ хеле ҷолиб ва муассир мебошад. Муҳим будани фаъолияти мазкур аз он иборат аст, ки қобилияти эҷодию мустақилона амал кардан, мушоҳидакорӣ ва рушди ақлонии хонандагон такомулу ташаккул меёбад. Дар доираи фаъолияти маърифатӣ масъалаҳое баррасӣ ва матраҳ мегарданд, ки донишҳои дар дарсҳо гирифтаи шогирдонро тақвият бахшида, таваҷҷуҳи онҳоро ба муҳити зист ва табиат бештар мегардонад. Ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти маърифатбахшии хонандагон омӯзгор бояд хусусиятҳои зеҳнии гурӯҳҳои гуногуни синнусолиро донаду дарк кунад ва ба эътибор гирад. Агар кӯдакони ҳафтсола бештар ба шиносии ашёву ҳодисаҳои табиат рағбату шавқ зоҳир намоянд, пас, тарбиятгирандагони 8-10-сола ба омилу аносире таваҷҷуҳ мекунанд, ки ба дарки амиқи ҳодисаҳои муҳити атроф тааллуқ дорад. Сабку шеваи ба роҳ мондани фаъолияти маърифатбахшии хонандагон ҳангоми баргузор намудани корҳои беруназсинфӣ аз дарки масъалаҳои содда ба мураккаб бояд сурат гиранд. Бояд фаъолияти маърифатбахшии хонандагонташкили озмуну викторина, суҳбатҳо оид ба навигариҳои илму техника, бозиҳои дидактикӣ, муҳокимаи китобҳои мутолиавӣ, акарда ва филмҳои тамошонамудаи хонандагонро дар бар гирад. Дар ҷорабиниҳои берун азсинфӣ ба роҳ мондани фаъолияти меҳнатии хонандагон низ аҳамияти калон дорад. Дар ин боб, хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба касбҳои гуногуни ба дарку фаҳмишашон мувофиқ шинос карда мешаванд. Дар ин машғулиятҳои иловагии берун аз синфӣ, тарбиятгирандагон вобаста ба фанни санъати тасвирӣ ва меҳнат аз усулу шеваҳои мухталифи фаъолият – таъмири воситаҳои аёнии таълимӣ, тайёр кардани ашёи гуногун, (миз, курсӣ), ки барои мактаб ва кӯдакистон заруранд, истифода менамоянд. Ҳамчунин, хонандагон васоили таълимӣ, коллексияҳои ҳархелаи гиёҳҳо ва гербариҳоро ҷамъ меоранд, дар ободу кабудизор намудани ҳавлию саҳни гулгаштҳо ва маҳаллаи худ иштирок мекунанд. Омӯзгор ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти меҳнатӣ бояд саёҳатҳои фаннӣ ташкил намуда, хонандагонро ба коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, майдонҳои киштзироатҳои хоҷагии деҳот сафарбар созад ва онҳоро бо пешқадамони меҳнату истеҳсолот шинос кунад. Бояд зикр кард, ки дар ҳаёти кӯдакон бозӣ аз унсурҳои асосӣ ва ба ҳатмии фаъолият махсуб меёбад. Хонандагон (тарбиятгирандагон) дар намуди бозиҳои варзишӣ, эҷодкорӣ (саҳнаофарӣ ва ғ.) иштирок мекунанд. Бо иштироки худ дар бозиҳо тарбиятгирандагон гоҳо қоидаву қавонин ва самту равиши онро тағйир медиҳанд, яъне дар як вақт мавриди ҳам муаллиф ва ҳам иҷрокунандаи бозӣ шуда метавонанд.

***Муниса ҲАСАНОВА,***
***мураббии мактаб-интернати №2, шаҳри Душанбе***

СӮГВОРӢ

## Ёди ӯ дар қалбҳост!



23 ноябри соли 2022 қалби яке аз омӯзгорони варзидаву фидоӣ Иззатой Раҳимова аз тапидан бозмонд. Мавсуф беш аз 50 сол ба таълиму тарбияи насли наврас машғул буд. Ӯ шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолияти пурсамар доранд. Дарсҳои муаллим ҳамеша рангину ҷолиб ва омӯзанда ҷараён мегирифтанд ва хонандагонро ба фаъолияти бештар ҷалб менамуданд. Дар корҳои ҷамъиятиву ҷорабиниҳои фарҳангии ноҳияи Рӯдакӣ фаъол буд. Панҷ фарзандаш дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат кор мекунанд ва дар касби модари идома мебахшанд. Барои хидматҳои шоиста дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Номи некаш дар дилу дидаи ҳамкорон ва шогирдону фарзандон то абад боқист.

**Аҳли маорифи ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти омӯзгори собиқадор Иззатой РАҲИМОВА андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешону пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир* *Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир:* *Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора* *Н. ОХУНЗОДА*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.